# 70 СОЛИ КАМОЛОТ ФАРХУНДА БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

ШУМОРАИ МАХСУС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №17-18 (93-94) 30-ЮМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2018, СЕШАНБЕ



**Ин боргоҳи илму маърифат ҳамчун яке аз марказҳои бузурги таълиму тарбияи кадрҳои миллӣ дар рушди илму маориф ва фарҳанги кишвари соҳибистиқлоли мо нақши хосса ва бузург дорад. Зеро ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки дар он хатмкардагони донишгоҳ фаъолияти пурмаҳсул надошта бошанд.**

**Дар роҳи тарбияи чунин кадрҳо Донишгоҳи миллӣ дорои неруи бузурги илмию омӯзгорӣ мебошад ва бояд минбаъд низ ин имконияти худро ҳарчи бештар истифода намояд.**

**Аз тарафи дигар, мақоми миллӣ доштани донишгоҳ ба зиммаи устодону донишҷӯёни он масъулияти бузург мегузорад. Зеро аз ин нуқтаи назар низ, ҳайати омӯзгорон ва толибилмони донишгоҳ бо дастовардҳои илмӣ, сатҳи донишу ҷаҳонбинӣ, омодагии касбӣ ва одобу ахлоқ бояд намунаи ибрат бошанд.**

**Бо истифода аз фурсати муносиб ба ҳайати устодону кормандони донишгоҳ барои саҳми бузургашон дар рушди илм ва таълиму тарбияи мутахассисони соҳибмаърифату баландихтисос, ки бо фаъолияти пурсамар ва заҳмати зиёди онҳо муяссар шудааст, арзи сипосу миннатдорӣ менамоям.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Ҷойи ифтихор аст, ки маҳз бо шарофати музафариятҳои Истиқлолияти давлатӣ, комёбиҳои беназири даврони соҳибихтиёрӣ ва сиёсати ҳадафмандонаву бобарори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконияти фарох ва шароити мусоид барои эҳё шудани анъанаҳои миллӣ, боло рафтани худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба осори бою пурғановати таърихӣ, таҷлили бузургтарин ҷашнвораҳои миллӣ, ёд кардан аз хизматҳои бузурги муассисаҳои илмию фарҳангии кишвар дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Ватани маҳбубамон имконпазир гаштааст.

Соли равон аз замони таъсис ва ба фаъолият шурӯъ намудани бузургтарин муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 70 сол пур мешавад. Хурсандибахш аст, ки дар ин марҳилаи таърихӣ Донишгоҳ роҳи басо пурифтихор ва бошараферо тай карда дар асл ба ифтихори миллии мардуми шарифу сарбаланди тоҷик табдил ёфтааст. Хусусан, хизматҳои анҷомдодаи ин муассисаи бонуфузи илмию таълимии кишвар дар самти омода намудани мутахассисони баландпоя ва кадрҳои арзанда барои самтҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, пешбурди корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаҳои барои рушди давлатдорӣ манфиатдор, инкишофи ҳаёти тарбиявию ҷамъиятӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллию дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ арзишманданд.

Мо аз он ифтихормандем, ки дар баробари ҳазорон фарзандони бонангу номус ва диловарони тоҷик аз сабақҳои нотакрори олимони маъруф ва шуҳратёри ин боргоҳи илму маърифат бархурдор шуда, онро сарбаландона хатм намуда дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар бо дарки масъулияти баланд саҳм гузошта истодаем.

Таҳсил дар ин муассисаи калонтарини илмию таълимии кишвар ба орзуи ҳар як ҷавони тоҷик мубаддал гаштааст. Имрӯзҳо Донишгоҳи азизамон ба як маркази бонуфузи илмию таълимии сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфта, дар он тамоми шароитҳои зарурии фаро гирифтани донишҷӯён ба таълиму илмҳои замонавӣ фароҳам оварда шудаанд. Боварии комил дорем, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар оянда ба дастовард ва комёбиҳои беназир соҳиб хоҳад гашт.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахш роҳбарият, кулли устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни 70-солагии таъсиси ин боргоҳи илму хирад ва донишу маърифат самимона табрик гуфта, барояшон тансиҳатии бардавом, рӯзгори пурнишот, файзу баракати зиндагӣ, иқболу комёбиҳоро орзу менамоояд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

и.в. муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# УСТОДОНИ СОБИҚАДОР ҚАДРДОНӢ ГАРДИДАНД







Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чун боргоҳи илму маърифат дар инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши аввалиндараҷаро дорад. Дастпарварони ин кохи нуру хирад дар тамоми бахшҳо кору фаъолият намуда, баҳри ободӣ ва пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми арзишманди худро мегузоранд. Дар тарбияи чунин насли соҳибватан ва соҳибхирад нақши устодони собиқадори он бениҳоят бузург мебошад.

Бо ин назардошт таърихи 23-юми октябри соли 2018 бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон як қатор устодони собиқадори ин даргоҳи муқаддас аз ҷониби Ректори ДМТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Имомзода М.С. қадрдонӣ гардиданд. Мавсуф ба 117 нафар аз устодону олимони соҳибтаҷриба баҳри саҳми арзанда гузоштан дар пешрафти кишвар, тарбия намудани мутахассисони соҳибмаълумот ва нақши назаррас гузоштан дар ҳаёти илмиву таълимии донишгоҳ бо мукофотҳо қадрдонӣ намуда, иброз доштанд, ки «эҳтироми Шумо эҳтироми ҳар нафаре аст, ки ба илм алоқа дорад».

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки 5 нафар аз устодони собиқадори факултети ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Тоҳиров Фозил Тоҳирович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Тағойназаров Шариф Тағойназарович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ямоқова Зумрат Дадаҷоновна ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Имомов Ашурбой Имомович аз ҷониби Ректори ДМТ, муҳтарам Имомзода М.С. қадрдонӣ гардиданд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ ба устодони бисёр гиромиқадр саломативу сарбаландӣ, комёбиву пирӯзӣ ва давлати пириро таманно менамоянд.

# СЕМИНАРИ ИЛМИИ ОЛИМОНИ ҶАВОНИ ФАКУЛТЕТ

Бо ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳар охири моҳ семенари илмии олимони ҷавони факултет баргузор мегардад. Ин иқдоми пешакардаи садорати факултети ҳуқуқшиносӣ судманд буда, барои инкишофи малакаю дониши устодони ҷавон мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина санаи 20-уми октябри соли ҷорӣ семенари илмии унвонҷӯён ва аспирантони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия бо иштироки доираи васеи омӯзгорон, аспирантон, магистрҳо ва мудирони кафедраҳо баргузор гардид. Семинари илмиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, иброз намуданд, ки мубориза бо ҷинояту ҷинояткорӣ ва аз байн бурдани амалҳои коррупсионӣ яке аз самтҳои асосии



фаъолияти ҳукумати кишвар ба ҳисоб рафта, баргузор намудани чунин чорабиниҳои илмӣ барои расидан ба ин ҳадаф мусоидат хоҳад намуд.

Баъдан мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, дотсент Сафарзода А.И. изҳори сипоси худро ба ҳамаи иштирокчиён барои ширкат дар кори семинари илмӣ баён намуд. Қайд гардид, ки дар шароити дигаргунгардии идеологӣ ва рӯ ба афзоиш овардани сатҳи ҷинояткорӣ, муайян намудани асосҳои илмӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ ба он саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Сипас, аз рӯи барномаи семинар маърӯзаҳои устодони ҷавони кафедраи зикргардида ассистентон Мирзоев С.Т., Миралиев Э.Б., Раҳмонзода М., Сайфуллоев У.А., Мирзоев Қ.Х., докторант Амиров А. ва аспирантон Абдуллозода Ҷ., Гулноза Ш., Зокиров З., Неру М. шунида шуданд. Баромадкунандагон мазмуну моҳияти маърӯзаҳои хешро шарҳ дода, таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи онро асоснок намуданд. Оид ба маърӯзаҳои пешкашнамуда саволу ҷавоб ва музокираҳои тӯлонӣ сурат гирифтанд. Мавриди зикри хос аст, ки аксарияти иштирокчиёни семенари илмӣ андешаю назари хешро оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои баррасишуда баён намуданд. Дар умум вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди падидаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, роҳҳои ҳалли ин мушкилотҳо пешниҳод шуд. Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои кори семенари илмӣ барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ аз ҳар ҷиҳат муфид ва самарабахш хоҳад буд.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ДАР ШӮРОИ ДИФОЪ

Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар ҷумҳурӣ ягона Шӯрои миллии диссертатсионӣ (6D.KOA-002) аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таъсис ёфта, фаъолияти пурсамар дорад. Ба ибораи дигар шӯрои миллии назди факултет барои таъмини кадрҳои илмӣ дар тамоми ҷумҳурӣ саҳми назаррас дорад. Аз ҷумла, аз замони таъсисёбӣ то имрӯз дар шӯрои мазкур 17 нафар аз олимони соҳаи ҳуқуқ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуданд, ки аз онҳо 14 нафарашон устодон, аспирантон ва унвонҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбанд. Тавре ба идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» котиби илмии шӯрои мазкур профессор Азиззода У.А. иттилоъ дод: «Аз соли 2018 сар карда теъдоди нафароне, ки дар шӯрои ҳуқуқшиносон хоҳиши дифоъ кардан доранд, хеле зиёд гардидааст. Мо кӯшиш мекунем он рисолаҳоеро барои дифоъ пешбарӣ созем, ки онҳо пеш аз ҳама барои Тоҷикистон аҳамияти баланд доранд ва оянда ба нафъи давлату миллат хизмат мекунанд. Дар умум фаъолияти шӯро самарабахш буда, дифои рисолаҳои илмии на танҳо омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, балки дигар донишгоҳу донишкадаҳо дар он хуб ба роҳ монда шудааст. Яъне аъзои шӯро кӯшиш менамоянд, ки унвонҷӯёну аспирантони дигар донишгоҳҳоро дастгирӣ намоянд. Ҳадафи асосии факултет таъмини кишвар бо кадрҳои лаёқатманди илмӣ аст ва ин яке аз ҳадафҳои асосии мо – аъзои шӯро ба ҳисоб меравад». Дарвоқеъ, таҳлили омории рисолаҳои дар шӯро дифоъгардида ва оянда дифоъмешуда нишон медиҳад, ки дар шӯрои назди факултет на танҳо омӯзгорони ин даргоҳ, балки нафарони дигар низ бе ягон монеа метавонанд рисолаи илмии худро дифоъ намоянд. Ин боргоҳи маърифат рисолати азалии худро сарбаландона иҷро намуда, дар ғанӣ гардонидани фазои илмии кишвар пайваста саҳмгузорӣ менамояд.



Аз ҷумла, таърихи 11-уми октябри соли 2018 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ Пирзода Парвиз Раҷабалӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо» бо сарбаландӣ дифо намуд. Инчунин, санаи 23-уми октябри соли 2018 аспиранти Шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ Искандарӣ Сулаймон дар мавзӯи «Суғуртакунии фаъолияти соҳибкорӣ: танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи илмии худро ҳимоя намуд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Пирзода П.Р. ва Искандари Сулаймонро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамоянд.



# 70-СОЛАГӢ МУБОРАК!

## АНДЕШАҲОИ РЕКТОРИ ДМТ МУҲАММАДЮСУФ ИМОМЗОДА ОИД БА БУРДУ БОХТИ ИН БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 октябри соли 2008 дар суханронии худ ба муносибати 60-солагии ДМТ чунин баён доштанд: «Ин боргоҳи илму маърифат ҳамчун яке аз марказҳои бузурги таълиму тарбияи кадрҳои миллӣ дар рушди илму маориф ва фарҳанги кишвари соҳибистиқлоли мо нақши хосса ва бузург дорад. Зеро ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки дар он хатмкардагони донишгоҳ фаъолияти пурмаҳсул надошта бошанд... Аз ҷумла ман низ хатмкардаи ҳамин боргоҳи маърифат ҳастам ва аз ин ифтихор дорам».**

Ба сифати муқаддимаи гуфтор қарор додани ин суханони Пешвои муаззами миллат ҳадафи хос дар пай дорад. Чун Роҳбари давлат ифтихор аз он доранд, ки хамткардаи ДМТ мебошанд. Пас, имрӯз ҳар як хатмкардаи ин донишгоҳ ба маротиб бояд аз он ифтихор намояд, ки замоне ин даргоҳро дар радифи Роҳбари давлат ва дигар бузургфарзандони миллат хатм намудааст. ДМТ 70-сола шуд. Ҳам дар гузаштаву ҳам имрӯз дар садри муассисаи илмиву таълимии олии мамлакат буд ва хоҳад монд. На танҳо хатмкардагони ин даргоҳ, балки бояд ҳар як хурду бузурги мамлакат ифтихор дошта бошад, ки ин даргоҳи муқаддаси маънавӣ имрӯзҳо ҷашни ҳафтодсолагии худро таҷлил менамояд. Имрӯз дар кишварамон хонадоне нест, ки ягон пайванду алоқамандие ба Донишгоҳи миллӣ надошта бошад. Махсусан, мақоми миллӣ пайдо карданӣ он дар замони истиқлол ба ин ҳукми мо гувоҳ аст. Ҳафт даҳсоларо паси сар кардани донишгоҳ маънии онро дорад, ки ин таълимгоҳи муҳташами илму маърифат дар тарбияи чандин насл нақш гузоштааст.

Дар ҳақиқат соли 1948 дар ҳаёти илмию фарҳангии ҷумҳурии мо рӯйдоди бузург ба амал омад. Заминаи он аз 21 марти соли 1947 оғоз мешавад, ки бо қарори Вазирони ИҶШС оид ба таъсис додани Университети давлатии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС И.Сталин ва Раиси умури идораи он П.Чадаев ба имзо расида буд.

Мавриди зикр аст, ки дар таъсиси ин донишгоҳ нақшу талоши роҳбари вақти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров чашмрас мебошад. Маҳз бо ташаббуси ин фарзанди фарзона ва қаҳрамони миллат аз ҷониби КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба вазири вақти мактабҳои олии ИҶШС С.Кафтанов мурочиат карда шуд, ки дар Тоҷикистон барои ташкили донишгоҳ иҷозат диҳанду мусоидат намоянд. Чун донишу кордонӣ ва сухану мавқеи Б.Ғафуров дар миқёси Иттиҳод маълум буд, ин пешниҳод зуд пазируфта шуд.

Аввалин ректори донишгоҳ бо пешниҳоди С.В.Кафтанов олими шинохтаи тоҷик Зариф Раҷабов интихоб гардид. Моҳи августи соли 1948 донишгоҳ 250 нафар донишҷӯёни аввалинро ба оғӯши худ фаро гирифт. Соли аввали таъсис донишгоҳ ҳамагӣ се факултет дошт, ки аз рӯи барномаҳову нақшаҳои таълимии аз Москва пешниҳодшуда фаъолияташонро ба роҳ мегузоштанд. Зариф Раҷабов ба ин даргоҳ беҳтарин устодону олимонро ҷалб мекард. Михаил Степанович Андреев ва Александр Александрович Семёнов аз ҷумлаи бузургтарин олимону нахустустодоне буданд, ки дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ манзалату нуфуз доштанд. Ҳамин тавр, дар аввалин соли таъсис донишгоҳ бо се факултаву сенздаҳ кафедра ба таълиму таҳқиқ оғоз кардааст. Аз оғоз дар ин даргоҳ ҷиддияту масъулият дар пояи баланд қарор дошт. Номзадии ҳар як мудири кафедраро дар Вазорати маълумоти олии ИҶШС, дар Москва тасдиқ мекарданд. Олимону мутахассисони арзанда ба тадрис интихоб мегардиданд.

Дар ташкили Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон марказҳои бузурги илмиву таълимии Иттиҳоди Шӯравӣ, ба монанди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон, Донишгоҳи давлатии Қазон, Донишгоҳи давлатии Қазоқистон ва амсоли он нақш доштанд. Дар ин самт кумаку мусоидатҳои нахустин донишкадаи олии Тоҷикистон – Институти омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко истисно буда наметавонад. Донишгоҳи навтаъсис дар кӯтоҳтарин фурсат неруи худро қавӣ менамуд. Дар ҷалби устодону олимони варзидаи марказҳои бузург ва кадрҳои маҳаллӣ роҳбарияти донишгоҳ кӯшишҳои зиёд мекард. Ин буд, ки профессорони шинохта А.А.Семёнов, М.С.Андреев, В.А.Ратсиборский, С.Ф.Машковтсев чун роҳнамои олимону мутахассисони маҳаллӣ бо садоқатмандӣ дар тарбияи кадрҳо ҳисса мегузоштанд.

Ш. Ҳусейнзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ҳ. Каримов, Ф.М. Меринг, М.Ш. Шупикова, К.А. Богомолова, Ф.С. Павлюк, К.Н. Гаврилкин, С.Д. Арзуманов, Т. Каримов ва дигарон аз нахустин олимону устодони маҳаллӣ ба шумор мерафтанд. Заминаи илмиву таълимӣ бо низоми хос қавӣ мегардид. Чунончи, дар давоми солҳои ректории З.Раҷабов (1948-1954) дар шӯроҳои дифои донишгоҳ 30 нафар унвонҷӯ, ки бештаринашон аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ буданд, рисолаҳои худро дифоъ карданд. Соли 1951 аввалин конфронси илмии донишҷӯён баргузор гардида буд, ки шоҳроҳи илму таҳқиқи донишгоҳро асос мегузошт.

Донишгоҳ соли аввали таъсис бо душворӣ дар бинои донишкадаи омӯзгорӣ фаъолият мекард. Соли 1949 бинои собиқ кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод ба ихтиёри донишгоҳ дода шуд, ки то ҳол ҳамчун симои донишгоҳ бо номи бинои марказӣ барои ҳамагон маълум аст.

Инкишофу камол ёфтани ин даргоҳи имрӯз бузургу муқаддаси миллат осон набуд. Ҳамаи дарсҳо дар ин бино дар се баст аз соати ҳашт то бисту сеи шаб идома меёфт. Бо гузашти вақт барои донишҷӯёну аспирантону устодони донишгоҳ хобгоҳҳо бунёд мегардиданд. Теъдоди донишҷӯёну устодону муҳаққиқон сол то сол меафзуд. Агар соли нахустини таъсис донишгоҳ ҳамагӣ 250 нафар донишҷӯ дошта бошад, соли таҳсили 1970-1971 ин теъдод то ба 12 ҳазору 467 нафар расидааст, ки дар замони пурҷӯшу хурӯши шӯравӣ яке аз солҳои сердонишҷӯтарин будани ин донишгоҳро нишон медиҳад. Давоми фақат даҳ соли аввали фаъолияти шӯроҳои ҳимоя (1951-1960) як ҳазору сиву ду нафар рисолаҳои худро дифоъ карда буданд. Донишгоҳ дар таҳқиқу пажӯҳишҳо мустақил мегашт ва шӯрои илмии донишгоҳ аввалин маротиба соли 1952 унвони профессориро ба С.Юсуфова додааст.

Маълум аст, ки дар давраҳои гуногун роҳбарони донишгоҳ бо донишу маҳорату кордонии худ дар пешрафту шукуфоии донишгоҳи бузурги кишварамон ҳиссаи сазовор гузоштаанд. Аввалин ректори донишгоҳ Зариф Раҷабов (27.02.1948- 20.01.1954) бо ҳамроҳии ноибони худ- олимони шинохта С.Табаров ва Н.К.Гаврилкин дар пойдевори ташаккули донишгоҳ саҳми сазовор гузоштаанд. Баъдан дар солҳои гуногун ректорҳои дигари донишгоҳ Ибодулло Назриқулов, Солеҳ Раҷабов, Пӯлод Бобоҷонов, Талбак Назаров, Исмоил Давлатов, Фозил Тоҳиров, Ҳабиб Сафаров, Ҳайдар Сафиев, Саидмуҳаммад Одинаев, Нуриддин Саид ва Ҳаёт Одинаев роҳбарии ин муассисаи бузургро ба дӯш доштанд. Хидмати ҳар кадоми онҳо дар пешрафти донишгоҳ бузург мебошад ва корнамоиву нақши онҳо кайҳо боз бо ҳарфҳои заррин дар саҳифаҳои таърихии донишгоҳ сабт ёфтаанд.

Истиқлолияти кишвар ба донишгоҳи азизамон низ истиқлолу болу пар бахшидааст. Маҳз дар замони истиқлол ин маркази бузурги илмиву таълимӣ ба Донишгоҳи миллӣ табдил ёфт. Насими истиқлоли кишвар дар иқтидору нуфузи донишгоҳ таъсири ҷиддӣ мегузошт.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 1997, №669 ин даргоҳи муқаддас Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва аз 28 октябри соли 2008, №556 ДМТ номгузорӣ карда шуд. Теъдоди факултету кафедраҳо афзоиш меёфт. То соли 1990 донишгоҳ ҳамагӣ 13 факултет дошт. Имрӯз донишгоҳ дорои 19 факултет ва 117 кафедра мебошад. Фақат дар солҳои 1990-1995 теъдоди шӯроҳои ҳимоя аз 5 то 11 адад афзудааст. Дар донишгоҳ феълан ҳудуди зиёда аз 24 ҳазор нафар донишҷӯ дар шуъбаҳои рӯзонаву ғоибона таҳсил доранд. Ҳудуди ҳазор нафар устодони дорои дараҷаҳои гуногуни илмӣ ба донишҷӯён дарс мегузаранд. Имрӯз дар донишгоҳ 13 академик, 14 узви вобаста, 152 профессор ва 525 дотсент фаъолият доранд, ки ин иқтидори бузурги донишгоҳро бозгӯ менамояд.

ДМТ бо равияи таълимиву таҳқиқии худ дар аввалин даҳсолаи истиқлолият марҳилаи ташаккул ва суръатафзоиро паси сар кардааст. Илму таҳқиқ дар сохтори донишгоҳи мазкур мавқеи густурдаеро соҳиб мебошад. Соли 2016 ҳангоми вохӯрии Пешвои миллат бо зиёиёни кишвар таҳияи Консепсияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2050 таъкид гардид, ки дар иҷрои ин консепсия нақши ДМТ хеле бузург буда метавонад. Зеро иқтидори илмиву зеҳнии донишгоҳ дар қиёс бо дигар марказҳои таълимиву таҳқиқӣ хеле калон аст. ДМТ он ошёне буд ва ҳаст, ки хатмкардаҳои он дар тамоми ҷабҳаҳо фаъол мебошанд ва дар фатҳи қуллаҳои бузург муваффақ гардидаанд. Дар амал татбиқ гардидани коркардҳои илмии донишгоҳ баъд аз солҳои 2000 суръати хос пайдо кардааст.

Феълан ДМТ бо зиёда аз 240 муассисаи таълимию илмии кишварҳои хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дорад. Аз ҷумла, бо кишварҳои Афғонистон, Покистон, Лаос, Ветнам, Чин, Австралия, Германия, ИМА, Россия, Беларус ва дигар кишварҳои Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико робитаҳои судманди донишгоҳ барқарор аст. Чандин роҳбарони давлатҳои дуру наздик дар замони истиқлолият меҳмонони фахрии донишгоҳи миллӣ шудаанд. Мулоқоту суҳбатҳо бо намояндагони баландпояи корпусҳои дипломатӣ, сафирон ва намояндагони созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ дар донишгоҳ падидаи маъмулӣ мебошад. Табодули устодону аспирантон бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар рӯз то рӯз тавсеа меёбад. Имрӯз ҷавонони зиёда аз понздаҳ кишвари ҷаҳон дар Донишгоҳи миллӣ таҳсил доранд. Аз соли 2009 инҷониб маркази омӯзиши забонҳо барои шаҳрвандони хориҷӣ амал менамояд.

Дар ДМТ дар замони истиқлолият мактабҳову равияҳои хоси илмӣ ташаккулу такмил ёфтаанд. Имрӯз мактабҳои илмӣ дар соҳаи химия, биология, геология, физикаву математика, педагогика, фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва таърих, филология, шарқшиносӣ ва журналистика амал менамоянд, ки, аллакай, ба шоҳроҳи бузурги таълимиву илмӣ табдил ёфтаанд. Шогирдони ин мактабҳо на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ тавонистаанд соҳиби мавқеи шоиста шаванд. Имрӯз ҳар фарди ба донишгоҳ алоқаманд ба дурнамоми неки рушди таҳсилот ва илму таҳқиқ дар ин даргоҳ эътимод дорад ва дар ин роҳ саҳм низ мегузорад. Имрӯз дар назди ДМТ Институти илмию тадқиқотӣ, маркази биотехнологӣ, парки технологӣ, литсеи равияи табиию риёзӣ, китобхонаи илмӣ, нашрияи донишгоҳӣ, маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, матбааи донишгоҳ ва амсоли он амал менамоянд, ки маҷмӯан иқтидору неруи донишгоҳи муқтадири ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд.

Мояи шарафмандии мост, ки аз аввалин рӯзҳои фаъолияти роҳбарияшон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ДМТ таваҷҷуҳи беандоза доранд. Чандин маротиба меҳмони донишгоҳи азизамон гаштаанд ва суҳбату мулоқоти самимонаро бо донишҷӯёну устодони ин даргоҳ анҷом додаанд. Маҳз бо кумаку мусоидати Пешвои миллат донишгоҳ дар замони истиқлолият соҳиби чандин хобгоҳҳои замонавӣ ва биноҳои нави таълимӣ гардидааст. Ба самти тарбияи кадрҳо ва рушду инкишофи илм дар ин даргоҳ таваҷҷуҳи доимӣ доранд. Боз ҳам ифтихори ҳар яки мост, ки аксари кадрҳои роҳбарикунандаву баландпояи ҷумҳурӣ хатмкардагони ДМТ мебошанд. Донишгоҳ имрӯз маркази тавонманди идеологӣ ба ҳисоб меравад. Дар рушди фарҳангу маънавиёти ҷомеа нақши амиқро соҳиб аст. Дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон, ки наслиояндасози ватанамон мебошанд, нақши густурда дорад.

Албатта, дар чанд саҳифа наметавон тамоми паҳлуҳои фаъолияти имрӯзу гузаштаи донишгоҳро фаро гирифт. Он чи дар боло зикр карда шуд, танҳо нигоҳи умумиву мухтасари шинохти ин донишгоҳ аст ва дастоварду комёбиҳои он давоми ҳафтод сол беназиру беҳудуд мебошанд. Таърихномаву хислатномаи ин донишгоҳи бузург даҳҳо ҷилд китоб аст. Бо ин ҳама бори дигар 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба кулли ҳамватанон табрик мегӯем ва орзуманди он ҳастем, ки ин даргоҳ бо камолиояндаи худ садсолаҳо барои миллату давлатамон хидматҳои шоиста анҷом диҳад.

**АМИТ «Ховар»**

# 70 СОЛИ ШАРАФИ ДОНИШГОҲ ВА



**Аз он шоду сарфарозам, ки дар ин лаҳзаҳои бисёр гуворою таърихӣ дар радифи ҳазорҳо дастпарварони бузургтарин муассисаи таҳсилоти олии кишвар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имкон дорам, ки ба ифтихори таҷлили ҷашни муборaки 70-солагии таъсиси он чанд сухани табрикотӣ иброз намоям.**

Таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1948 метавон яке аз дастовардҳои беназир ва ҳодисаи фараҳбахши ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии миллати тоҷик дар ибтидои солҳои 50-уми қарни гузашта унвон кард. Аз замони таъсис то кунун Донишгоҳи азизамон роҳи басо пуршараф ва боифтихореро тай намуда, ба як макони муқаддаси илму маърифат ва маркази бонуфузтарини таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии кишвар табдил ёфтааст. Хизматҳои анҷомдодаи ҳайати профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ ва арзишманд, иштироки фаъолона дар ҳаёти тарбиявӣ ва ҷамъиятии Ватани маҳбубамон беназиранд.

Дар ин айём ҳазорон ҷавонони бонангу номус ва ҳисси баланди меҳанпарастидошта донишгоҳи маҳбубамонро сарбаландона хатм намуда, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар соҳаҳои гуногуни афзалиятноки фаъолияти давлатӣ содиқона ва софдилона меҳнат карда истодаанд. Имрӯз соҳаеро пайдо кардан мушкил аст, ки дар он кадрҳои ДМТ фаъолият надошта бошанд.

Бо шарофати касби Истиқлолияти давлатӣ ва музафариятҳои даврони соҳибихтиёрии Тоҷикистони азиз самти ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ густариш ёфта, дар ин миён бо бузургтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар шартномаҳои ҳамкории мутақобилан судманди дуҷониба дар самтҳои барои ҳарду ҷониб муфид ба имзо расонида шудаанд. Дар воқеъ, ДМТ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда дар шароити кунунӣ ба як макони баргузории ҳамоишҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва пазироии меҳмонон ва шахсони расмии воломақоми кишварҳои хориҷӣ мубаддал гаштааст. Шаҳодати тасдиқи ин гуфтаҳо онанд, ки танҳо давоми солҳои 2015-2018 Президентҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва инчунин дигар шахсони мансабдори кишварҳои хориҷ ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф оварда бо унвони профессори фахрии донишгоҳ сарфароз гардонида шуданд.

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун қисми таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 1949 таъсис ёфта, яке аз марказҳои асосӣ ва бонуфузи омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва олимони ҳуқуқшинос ба ҳисоб меравад.

Ин махзани илму маърифат дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат, иҷрои барномаву стандартҳои давлатӣ, омода кардани мутахассисони сатҳи баланд ва рақобатпазири бозори меҳнат, анҷом додани корҳои бунёдии илмӣ-таҳқиқотӣ, тарғибу ташвиқи қонунгузорӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ нақши арзанда дошта, ҳамчун манбаи муҳими тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ, прокуратура, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, хадамоти ҳуқуқии корхонаву муассиса ва ташкилотҳо, бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ, макотиби олии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ шумораи умумии омӯзгорон 137 (20 нафараш зан) нафарро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ 122 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Дар қатори онҳо 17 нафарашон доктори илми ҳуқуқ, профессор мебошанд, ки аз ин шумора 2 нафарашон Академики АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 48 нафар дотсент (43 номзади илми ҳуқуқ, 3 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ), аз ин шумора 10 нафарашон зан), 12 нафар муаллими калон (1 нафари онҳо зан ва 1 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) ва 57 нафар ассистент (7 нафараш зан ва 2 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) мебошанд.

Дар сохтори факултет 10 кафедраи тахассусӣ ва 1 кафедраи забонҳои хориҷӣ амал мекунанд, ки масъулияти асосии пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявиро ба зимма доранд.

Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар ба кадрҳои арзанда ва ворид шудани Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фазои байналмилалӣ давоми солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар сохтори факултет якчанд ихтисосҳои тахассусӣ оид ба омода намудани ҳуқуқшиносони байналмилалӣ, ҳуқуқшиносони бахши молия ва қарз, ҳуқуқшиносони низоми муассисаҳои иҷрои ҷазо, ҳуқуқшиносони соҳаи идораи давлатӣ, эксперт-криминалистҳо, ҳуқуқшиносон дар самти ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ таъсис дода шуданд. Дар ҳоли ҳозир дар факултет ихтисосҳои зерин фаъолият мекунанд; 24010200 (ҳуқуқшиносӣ); 24010100 (муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ); 26010200 (идораи давлатӣ ва ҳуқуқ); 93010100 (фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ); 240030201 (танзими ҳуқуқии молия ва қарз); 93010200 (экспертизаи судӣ); 24010218 (ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ).

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ то ҳолати 25.10.2018 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо назардошти тамоми ихтисос ва шуъбаҳои амалкунанда дар маҷмӯъ 4197 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд. Аз ин шумора 2955 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 1242 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамоянд.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими фаъолияти факултетро пешбурди ҳаёти таълимӣ ташкил медиҳад. Зимнан бояд иброз дошт, ки айни замон ихтисосҳои амалкунандаи факултет пурра ба низоми таҳсилоти кредитӣ гузашта, таълим аз рӯйи низоми сезинагӣ: бакалавриат, магистратура ва доктори фалсафа (PhD) ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон ихтисосҳои амалкунандаи шуъбаи ғоибона ва таҳсилоти дуюми олӣ бошанд, ба низоми фосилавии таҳсилот гузаштаанд. Дар ин замина тамоми нақша ва стандартҳои таълимӣ оид ба ихтисосҳои амалкунанда аз нав таҳия ва қабул карда шуда ба талаботи замони муосир мувофиқ гардонида шудаанд. Ҷараёни таълим ба таври муттаашкилона ба роҳ монда шуда, аз ҷониби садорати факултет пайваста тадбирҳои муассир дар самти боло бардоштани сатҳу сифати таълим, азхудкунии донишҷӯён ва ба илмҳои замонавӣ фаро гирифта шудани донишҷӯён андешида мешаванд. Ба ин хотир соли 2015 «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ барои солҳои 2015-2020» қабул карда шуд, ки давра ба давра амалӣ шуда истодааст. Пояи кадрӣ, илмӣ, зеҳнӣ ва моддӣ-техникии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ имкон фароҳам меорад, ки барои дар низоми таҳсилот ворид намудани усулҳои нави таълим бо истифода аз дастовардҳои технологияи иттилотиву иртиботӣ тадбирҳои судманд роҳандозӣ карда шавад. Барои ба таҳсилоти замонавӣ фаро гирифтани донишҷӯён дар факултет тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Аксарияти синфхонаҳо бо доскаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо таъмин буда, гузашта аз ин дар факултет 4 синфхонаҳои электронии ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст фаъолият мекунад. Дар факултет маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълим фаъолият менамояд, ки он ба беш аз 80 адад компютерҳои замонавӣ насб буда, барои ба таври марказонидашуда қабул намудани имтиҳонҳо мусоидат менамояд. Дар факултет китобхонаи замонавӣ фаъолият менамояд, ки он бо ташаббусу мусоидати Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пурра аз нав таъмир карда шуда бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шудааст. Китобхонаи илмии факултет бо тамоми адабиёти илмиву таълимии замонавӣ ва маҷаллаҳои илмиву рӯзномаҳои даврӣ таъмин буда аз 1 толори хониш бо 64 ҷойи нишаст, ҳуҷраи нигоҳдории китобҳо ва ҳуҷраи хизматрасонӣ иборат мебошад. Фонди китобҳои илмии китобхона то имрӯз ба 25000 адад мерасанд, ки бо дастгирии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷамъоварӣ шуда, ҳамарӯза аз он зиёда аз 3500 донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода менамоянд. Ба мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ҳисси масъулиятшиносии омузгорон фаъолияти Шурои методии факултет ба роҳ монда шуда, аз баргузории дарсҳои кушод ва иштирок ба дарсҳои ҳамдигарӣ ҳамчун омили дигари муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот васеъ истифода карда мешаванд.

Таъмини мутахассисони ҷавон ба ҷойҳои кор низ яке аз дигар самтҳои муҳими фаъолияти факултет ба ҳисоб меравад. Бо мақсади ба кор таъмин намудани хатмкунандагони факултет давоми чанд соли охир аз ҷониби Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони як қатор мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои дигари давлатӣ шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудаанд. Ин омил дар воқеъ, самараи нек дода истодааст. Маҳз натиҷаи чунин ҳамкориҳост, ки ҳамасола дар асоси қарори комиссияи тақсимоти давлатии мутахассиони ҷавони беш аз 100 нафар дастпарварони факултет ба мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти давлатӣ, агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, андоз, гумрук, нотариат, мудофиа, адлия, системаи иҷрои ҷазо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сохторҳои давлативу ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба кор қабул карда мешаванд.

Яке аз самтҳои дигари афзалиятноки факултетро пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳад, ки факултет дар давраи ҳисоботӣ дар ин ҷода ба дастовардҳои беназир комёб шудаст. Чун қоида ҳар панҷ сола нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳо бо дарназардошти самт ва мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ тасдиқ карда шуда он ба мавқеи иҷро вогузор карда мешавад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тули солҳои 2013-2017 аз ҷониби ҳайати омӯзгорону кормандон беш аз 3058 маводҳои илмӣ-таълимӣ ба табъ расидаанд, ки аз ин шумора 157 монография, 48 китоби дарсӣ, 247 воситаи таълимӣ, 177 дастури методӣ, 119 фишурда ва 2348 мақолаҳои илмию оммавиро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин

# ҶОЙГОҲИ ИЛМИ ҲУҚУҚ ДАР ОН



Дилшод РАҲМОН
Декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент

мувофиқи нақшаҳои баргузории конференсия, симпозиумҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ дар донишгоҳ дар факултети ҳуқуқшиносӣ давоми солҳои ҳисоботӣ беш аз 80 конференсиҳои гуногуни сатҳи баланд бо иштироки доираи васеи олимони ватанӣ ва хориҷӣ баргузор шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ маҷаллаҳои илмӣ-иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь), «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ва моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» фаъолият менамоянд, ки онҳо бешак мояи ифтихоранд. Хурсандибахш аст, ки маҷаллаи илмӣ-иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия шомил шудааст. Яке аз самтҳои муҳими бахши илмро ин ҳимояи рисоалҳои номзадӣ ва докторӣ ташкил медиҳанд. Танҳо давоми солҳои 2013-2017 42 нафар омӯзгорон, аспирантон, унвонҷуён ва кормандони факултет рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намуданд.

Гузашта аз ин аввалин маротиба баъди таъсиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №15 дар заминаи факултети ҳуқуқшиносӣ нахустин Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 - Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсис ёфт. Таъсиси Шӯрои миллӣ бо шарофати касби Истиқлолияти давлатӣ ва таъсиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гашта, заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ-ташкилиро барои инкишофу пешрафти илми миллӣ ва ҳамзамон муаррифии илми тоҷик ба дунё бунёд мегузорад. Аз лаҳзаи расман ба фаъолият шуруъ намудани Шӯрои миллӣ то кунун (30.10.2018) 1 нафар рисолаи докторӣ ва 17 нафар рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Ҳайати устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ дар давраи ҳисоботӣ дар муҳимтарин чорабиниҳои ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангии кишвар фаъолона ширкат менамуданд. Аз ҷумла иштироки фаъолонаи омӯзгорони ҷавон ва донишҷӯёнро дар машқҳои ҷашнӣ бахшида ба таҷлили бузургтарин ҷашворaҳои миллӣ, аз қабили ҷашни Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи ваҳдати миллӣ, Наврӯзи байналмиллалӣ ва дигар чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ метавон махсус қайд намуд.

Дар ин давра иштирок ва саҳми фаъолонаи як зумра устодони факултет ба сифати коршиносони Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ дар баргузории Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013, Интихоботи Парлумони кишвар соли 2015 ва раъйпурсии умумихалқӣ ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ соли 2016 шоистаи таҳсин аст. Гузашта аз ин саҳми омӯзгорони факултет ба ҳайси аъзо ва роҳбарони гуруҳи корӣ дар тарғибу ташвиқи мазмуну моҳияти Қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат қобили зикр аст. Як зумра устодони факултет дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, аъзоёни гуруҳҳои корӣ оид ба таҳияи як қатор қонуну кодексҳо мебошанд. Бояд иброз намуд, ки дар робита ба банди 56 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, ба зиммаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Прокуратураи генералӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ, Академияи илмҳо ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (факултети ҳуқуқшиносӣ) омода ва пешниҳод намудани лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуда буд, ки омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар таҳияи лоиҳаи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» фаъолона иштирок намуда дар омода кардани лоиҳа саҳми назаррас гузоштанд.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти факултетро бахши ҳамкориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳад. Бо мақсади ба амал баровардани ҳамкориҳои муфиди дуҷониба факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию тадқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ алоқаи устувори илмиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи интихобот ва раъйпурсӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи давлатии дустии халқҳои Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О. Е. Кутафин, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Мактаби олии иқтисодии шаҳри Москва, Донишгоҳи миллии Қазоқистон, Донишгоҳи Бремен (Олмон), Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагина, Университети Прокуратураи генералии Федератсияи Россия ҳамкориҳои устувор ва алоқаҳои зичи илмиро доро мебошад.

Барои саҳми назаррас дар ҷодаи тарбияи кадрҳо ва пешбурди ҳаёти илмиву таълимӣ як гуруҳ омӯзгорони факултет бо мукофотҳои давлатӣ, ордену ифтихорномаҳо, мукофотҳои соҳавӣ ва дигар ҷоизаҳо сафарбар карда шудаанд.

Бо мақсади беҳдошт ва такмили минбаъди фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии ДМТ роҳандозӣ намудани тадбирҳои зерин дар оянда мувофиқи мақсад аст:

1. Ба истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим, фаъолияти илмӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои иттилоотии донишҷӯён, аспирантон, магистрҳо ва докторантон таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

2. Тадбирҳои муассир ва амалисозии чорабиниҳои мақсаднок ҷиҳати баланд бардоштани нуфузу эътибори факултети ҳуқуқшиносӣ дар дохил ва хориҷи кишвар андешида мешавад;

3. Ҳамкориҳои мутақобилаи судманди факултет бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти бозомӯзӣ, табодули таҷриба ва таҷрибаомӯзӣ ба роҳ монда шуда, ташкил намудани дарсҳои амалии сайёр дар секторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар назар дошта шудааст;

4. Нигоҳдорӣ ва рушди шакли анъанавии таълим, дастгирӣ кардани таълимоти забони русӣ, англисӣ, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, дорандаи донишҳои калидӣ дар соҳаи фарҳанги мутақобилаи воқеъгардонии барномаҳои рушди ҳамкории русӣ- англисӣ, ҷамъоварии кадрҳои илмӣ-омӯзгории рақобатпазир дар донишгоҳ, ташкил кардани муҳити ҷалбкунандаи илмӣ-таълимӣ дар назар аст;

5. Такмил додани ҷараёни таълим мутобиқ ба стандартҳои муосири касбӣ-илмӣ ва инкишоф додани намунаи таълими фосилавии факултет ба нақша гирифта шудааст;

6. Дар факултет коркард ва инноватсияи барномаҳои асосии таълимии бакалаврӣ, мутахассис, магистр, аз он ҷумла, барномаҳо бо забонҳои хориҷӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст;

7. Такмил додани хизматрасонӣ дар китобхонаи факултет, таъмин намудани дастрасии донишҷӯён ва кормандон ба доираи васеи маълумотҳои китобҳои электронӣ;

8. Дар базаи факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис додани лабораторияи илмӣ-тадқиқотии криминалистӣ;

9. Такмили системаи идоракунӣ, сохтори инноватсионӣ ва маълумотноккунӣ барои ҳалли масъалаҳои бартаридошта дар соҳаи илм, тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;

10. Инкишофи маданияти факултет ҳамчун маркази илмӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат намудан оид ба паҳн гардонидани анъанаҳои беҳтарини рушди халқи тоҷик дар муҳити иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва технологӣ, мустаҳкам намудани дӯстӣ, муносибати дутарафа байни халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11. Ҷалби муассиса ва ташкилотҳои пешбари Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштани таҷрибаомӯзиҳои касбии донишҷӯён ва мусоидат ҷиҳати бо кор таъмин намудани хатмкунандагони факултет;

12. Васеъ намудани робитаи байналмилалӣ, ҷаҳоникунонии усули таълим ва дониш дар асоси ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ, иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет дар лоиҳаҳои илмӣ ва таълимӣ;

13. Инкишофи ҳамкориҳои стратегии факултети ҳуқуқшиносӣ бо ташкилотҳои пешбари Тоҷикистон ва Русия, инчунин Осиёи Миёна ва ҷаҳон дар маҷмӯъ;

14. Ташкил намудани дарсҳои факултативӣ дар факултет ҷиҳати такмили дониши забонии донишҷӯён ва омузгорон;

15. Ҷалби олимони варзида аз хориҷи кишвар барои гузаштани дарсҳои обзорӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бахши таълим;

Мавриди зикри хос аст, ки ҳайати устодону кормандони донишгоҳ бо пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаи Роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар баргузории муҳимтарин чорабиниҳои сиёсиву фарҳангии умумиҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат намуда, дар тарғибу ташвиқи мазмуни қонунгузорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ саҳми арзанда доранд.

Банда аз он хушбахту сарфарозам, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро хатм намуда, бо амри таърих имрӯз дар ин кохи нуру маърифат дар вазифаи масъул фаъолият карда истодаам. Мо ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ аз он ифтихормандем, ки дар ин лаҳзаҳои таърихии саршор аз меҳру муҳаббати самимӣ дар таъмини пешрафти ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии Донишгоҳ саҳмгузорем.

Бо истифода аз ин лаҳзаҳои муносиб аз номи ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ҷашни 70-солагии таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар симои Ректори донишгоҳ, Академики АИ ҶТ муҳтарам Имомзода М.С. самимона табрику шодбош гуфта, ба кулли устодону кормандони донишгоҳи азизам барору комёбӣ ва фатҳи қуллаҳои баландро арзумандам.



# РЕКТОРОНИ ДОНИШГОҲИ

**Инсоният аз замони бавуҷудоӣ то кунун баҳри анҷоми амале талош менамояд, кореро иҷро менамояд, ки ба манфиати худ ва дигарон аст. Аммо дар ҷомеа кам нафароне кору фаъолият намудаанд ва менамоянд, ки амали онҳо ба манфиати давлату миллат, аҳли ҷомеа ва пешравии он нигаронида шуда бошад. Ректорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷумлаи сарсупурдагони миллатанд, ки ҳастии худро баҳри ободӣ, пешрафт ва тарбия намудани мутахассисони соҳибхирад равона намудаанд. Бо ин назардошт, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифт доир ба ҳаёт ва фаъолияти эшон маълумоти мухтасар манзури хонандаи азиз намояд.**

## РАҶАБОВ ЗАРИФ ШАРИФОВИЧ, 1948-1954



Хатмкардаи Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд (1923) ва Донишгоҳи давлатии Маскав (1932), доктори илмҳои таърих (1959), профессор (1960), аъзои вобастаи Академияи илмҳои ҶШСТ (1951), академики Академияи илмҳои ҶШСТ (1962) буда, дар вазифаҳои ходими калони илмии базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС (1937), мудири кафедраи таърихи Иттиҳоди Шӯравии Донишкадаи муаллимии тоҷикии ш. Тошканд (1938-1941), ходими ка- л о н и илмии Институти забону адабиёт ва таърихи филиали ӯзбекистонии АИ ИҶШС (1941-1943), мудири кафедраи таърихи ИҶШС-и ДДТ ба номи В.И.Ленин (1954-1959), директори Институти таърихи ба номи А.Дониши АИ ҶШСТ (1959-1962), мудири шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ Тоҷикистон (1962-1972), сармуҳаррири Шуъбаи фанҳои ҷамъиятии маҷаллаи «Ахбори АИ ҶШСТ» кор кардааст.

## БОБОҶОНОВ ПӮЛОД БОБОҶОНОВИЧ 1971-1982



Факултети физикаю математикаи Институти педагогии Ленинободро хатм намуда (1949), доктори илмҳои физикаю математика (1971), профессор (1988), академики АИ ҶТ (1973) буда, дар вазифаҳои ассистенти кафедраи физикаи Институти мазкур (1942-1950), аспиранти Расадхонаи Сталинобод ва Институти давлатии астрономии ба номи П.К.Штренбергии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов (1950-1954), директори Институти астрофизикаи АИ ҶТ (1959-1971, 1992-2002) кор кардааст. Узви вобаста (1966) ва академики АИ ҶТ (аз с.1973), раиси Шӯрои ректорони макотиби олии Тоҷикистон (1974-1983), узви КМ ҲК ҶШСТ (1976-1986), раиси Шуъбаи тоҷикистонии Анҷумани умумииттифоқии астроному геодезҳо (1972-1994), узви Кумитаи АИ Федератсияи Русия оид ба супоридани ҷоизаи Ф.А. Бредхина дар соҳаи астрофизика (аз с. 1990), аъзои Раёсат (1988-1989) ва ноиби Президенти АИ ИҶСТ (1986-1989) буданд.

## НАРЗИҚУЛОВ ИБОДУЛЛО ҚОСИМОВИЧ 1954-1956



Мактаби олии техники Ленинград (ВТУЗ) (1931) ва Институти индустралии Ленинград ба номи М.И. Каленинро (1935) хатм намудааст. Академики Академияи илмҳои ИҶШСТ (1953) ва ходими шоистаи илми ҶШСТ (1964) буда, дар вазифаҳои иқтисодчии Кумитаи банақшагирии ҶШСТ (1935-1938), иқтисодчӣ, сардори шуъбаи банақшагирӣ ва иқтисодчии Комисарати халқии саноати матбуот (1938-1941), ёвари раиси Шӯрои Комисарати халқии Тоҷикистон (1941-1943), раиси Кумитаи банақшагирии ҶШСТ (1941-1946), ҷонишини раиси Президиуми филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС (1951-1953), ҷонишини раиси Шӯрои Вазирони ҶШС (1957-1957), ноиби аввали Президенти АИ ҶШСТ (1957-1966), Шӯрои омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи ҶШСТ (1968-1970), мудири кафедраи иқтисодиёти саноатии факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (1955-1971) кор кардааст.

## НАЗАРОВ ТАЛБАК НАЗАРОВИЧ 1982-1988



Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии шаҳри Ленинградро (1960) хатм намудааст. Доктори илмҳои иқтисодӣ (1975), профессор (1976), аъзои вобастаи АИ ҶТ (1981), академики АИ ҶТ (1991), академики Академияи байналмилалии макотиби олӣ (1991) буда, дар вазифаҳои ассистенти кафедраи ҳисобдорӣ ва омори факултети иқтисодии ДДТ (1960-1962), муаллими калони кафедраи иқтисоди савдо ва молия (1965), ҷонишини де- к а н и факултети иқтисодии ДДТ ба номи В.И.Ленин (1966-1969), мудири кафедраи молия ва қарзи ДДТ (1967-71), декани шуъбаи шабонаи факултети иқтисодӣ (1969-1971), проректори шуъбаи шабонаи ДДТ (1970-1971), ходими калони илмии ДДТ (1972-1973), мудири кафедра ва декани факултети иқтисодии ДДТ (1071-1980), раиси Шӯрои омӯзиши қувваҳои истеҳсолоткунандаи АИ ҶТ (1980-1982), раиси Шӯрои ректорони мактабҳои олии ҶШСТ (1983-1988), раиси Шӯрои Олии ҶШСТ (1986-1988), аъзои Кумитаи КМ ҲК Тоҷикистон (1986-1991), Вазири маорифи халқи Тоҷикистон (1988-1990), узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС (1982-1988), ҷонишини якуми раиси Шӯрои Вазирони ҶШСТ ва раиси Госплани ҶШСТ (1990-1991), Витсе-президенти АИ ҶТ (1991-1994), роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ (1994), Вазири корҳои хориҷии ҶТ (1994-2006 ) кор кардааст.

## РАҶАБОВ СОЛЕҲ АШӮРХОҶАЕВИЧ 1956-1971



Донишкадаи маорифи шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистонро (1930) хатм кардааст. Доктори илмҳои ҳуқуқ (1949), профессор (1950), академики АИ ҶТ (1957) буда, дар вазифаҳои муаллими Донишкадаи сохтмони шӯравӣ ва ҳуқуқшиносии шаҳри Тошканд (1934-1937), ҷонишини декани ҳамин донишкада (1937-1940), ректори Донишкадаи ҳуқуқшиносии шаҳри Тошканд (1943-1945), мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии О с и ё и Миёна (1954-1956), академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ ҶШСТ (1965-1973), роҳбари Шуъбаи тоҷикистонии ҷамъияти дӯстӣ бо мамолики Араб, ҷонишини сармуҳаррири «Қомуси Шӯравӣ» (1972-1974) кор кардааст.

## ДАВЛАТОВ ИСМОИЛ ДАВЛАТОВИЧ 1988-1990



Факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро (1969) хатм намудааст. Доктори илмҳои иқтисодӣ (1986), профессор (1989), академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ буда, дар вазифаҳои ассистенти кафедраи иқтисоди сиёсии ДДТ (1969-1971, 1974-1975), муаллими калон (1976), дотсент (1976-84), ходими илмӣ (1984-1987), профессор ва мудири кафедраи иқтисоди сиёсии ДДТ (1987-1988), Вазири маорифи ҶТ (1990-1992), Вазири иқтисод ва моли- яи ҶТ (1992-1993), Вазири иқтисоди ҶТ (1993-1995), Вазири ҳифзи табиати Тоҷикистон (1994-1997), раиси Кумитаи гумруки назди Ҳукумати ҶТ (1997-1998) ва муовини Вазири маорифи ҶТ (1998-2000) кор кардааст.

# МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



## ТОҲИРОВ ФОЗИЛ ТОҲИРОВИЧ 1990-1995

Факултети ҳуқуқшиносии ДДТ-ро (1966) хатм намудааст. Доктори илмҳои ҳуқуқ (1988), профессор (1990), узви пайвастаи Академияи АИ ҶТ, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ мебошад.

Дар вазифаҳои ассистент, муаллими калон ва мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи ДДТ (1967-95), раиси Созмони иттифоқи касабаи муаллимон, проректори шуъбаи шабонаи донишгоҳ, котиби кумитаи ҳизбӣ, проректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ (1986-1990), саркотиби АИ ҶТ (1995-2000), академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ ҶТ кор кардааст.

Узви Шӯрои Президенти ҶТ, узви Кумитаи назорати конститутсионии Тоҷикистон, узви комиссияи Маҷлиси Олии ҶТ оид ба таҳияи рамзҳои давлатии ҶТ, раиси Шӯрои ректорон, ноиби Президенти Ассостиатсияи илмҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, узви раёсати АИ ҶТ ва аз соли 1995 раиси Шӯрои махсусгардонидашудаи назди донишгоҳ оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ доир ба ҳуқуқ мебошад.

## САФАРОВ ҲАБИБУЛЛО МУРОДОВИЧ 1995-2001



Факултети биологияи ДДТ-ро (1962) хатм намудааст. Доктори илмҳои биология (1983), профессор (1984), академики Академияи илмҳои кишоварзии ҶТ (1983) буда, дар вазифаҳои лаборант, ассистент, муаллими калон, дотсент ва профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ДДТ (1962), ҷонишини декани факултети биология (1972-1976), декани факултети биология (1977-1994), ноиби ректори ДДТ оид ба таълим (1994-1995), мудири кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти донишгоҳ кор кардааст.

Узви вобастаи АИ кишоварзии ҶТ (1994), академики Академияи байналхалқии илмҳои макотиби олии (1995), академики АИ тиббӣ- техники Русия (1999) ва доктори фахрии Институти муносибатҳои миллӣ ва минтақавии ш.Масква (1999) мебошад.

## САИД НУРИДДИН САИД 2008-2012



Фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва иҷтимоию роҳбарии узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид дар ДМТ ба солҳои 1993-2012 рост меояд. Нуриддин Саид фаъолияти меҳнатиашро соли 1983 ҳамчун ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи филиали Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе дар шаҳри Қӯрғонтеппа оғоз намуда, баъдан дар вазифаҳои ассистенти кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, аспиранти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, муаллими кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, сардори Раёсати таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз моҳи январ то ноябри соли 2008 дар вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва сипас то соли 2012 дар мансаби Ректори ДМТ фаъолият намудааст.

Барои хизматҳои шоён дар рушди илму таҳсилот Саид Нуриддин Саид соли 2012 бо ордени «Шараф» дараҷаи 1 сазовор гардид. Аз соли 2012 инҷониб ба ҳайси Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

## САФИЕВ ҲАЙДАР САФИЕВИЧ 2001-2005



Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон (1969) ва Донишгоҳи политехникии ш. Киев-ро (1972) хатм намудааст. Доктори илмҳои химия (1997), профессор, (1998), узви вобастаи АИ ҶТ (2000) буда, дар вазифаҳои лаборант ва ассистенти Донишгоҳи политехники Тоҷикистон (1972-1973), ходими хурди илмии Донишгоҳи политехники Киев (1973-1977), муаллими калон ва мудири кафедраи Донишгоҳи педагогии ш. Кӯлоб (1977-1982), муовини мудири шуъбаи илм, техника ва мактабҳои олӣ ва миёнаи назди Ҳукумати ҶТ (1982-1987), мудири шуъбаи коркарди ашё ва партовҳои саноатии Институти химияи ба номи В. И. Никитини АИ ҶТ (1987-1998), ҷонишини сардори Шуъбаи техникии заводи алюмении Тоҷикистон (1998-2001), саркотиби илмии АИ ҶТ (2000-2001), мушовири директори заводи алюминии Тоҷикистон (2001) кор кардааст.

## ОДИНАЕВ ҲАЁТ АБДУЛҲАҚОВИЧ 2012



Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳаёт Одинаев дар факултети иқтисод ва идораи ДМТ аз соли 1990 инҷониб фаъолият дорад. Дар вазифаҳои ҷонишини декан оид ба илм (1995-2000), декани факултети иқтисод ва идора (2005-2008), сардори раёсати таълим ва ректори ДМТ (2012) кор кардааст.

Ӯ соли 1995 рисолаи номзадиашро дар Москва ҳимоя намуда, солҳои 2001-2004 дар докторантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов таҳсил ва рисолаи докторӣ дифоъ кардааст. Моҳи октябри соли 2007 ба ҳайси профессори кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатӣ пазируфта шудааст.

Ҳ. Одинаев раиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 (иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ) буда, инчунин, узви се шӯрои илмӣ оид ба дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ мебошад. Роҳбарии илмии лоиҳаи фармоишии илмӣ-таҳқиқотиро, ки Шӯрои ҳамоҳангсози Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, низ ба уҳда дорад.

## ОДИНАЕВ САИДМУҲАММАД ОДИНАЕВИЧ 2005-2008



Факултети физикаю математикаи Институти педагогии Ленинободро хатм намуда (1949), доктори илмҳои физикаю математика (1971), профессор (1988), академики АИ ҶТ (1973) буда, дар вазифаҳои ассистенти кафедраи физикаи Институти мазкур (1942-1950), аспиранти Расадхонаи Сталинобод ва Институти давлатии астраномии ба номи П.К.Штренбергии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов (1950-1954), директори Институти астрофизикаи АИ ҶТ (1959-1971, 1992-2002) кор кардааст. Узви вобаста (1966) ва академики АИ ҶТ (аз с.1973), раиси Шӯрои ректорони макотиби олии Тоҷикистон (1974-1983), узви КМ ҲК ҶШСТ (1976-1986), раиси Шуъбаи тоҷикистонии Анҷумани умумииттифоқии астраному геодезҳо (1972-1994), узви Кумитаи АИ Федератсияи Русия оид ба супоридани ҷоизаи Ф.А. Бредхина дар соҳаи астрофизика (аз с. 1990), аъзои Раёсат (1988-1989) ва ноиби Президенти АИ ИҶСТ (1986-1989) буданд.

## ИМОМЗОДА МУҲАММАДЮСУФ САЙДАЛӢ 2012 ТО ҲОЛ



Имомзода М.С. хатмкардаи факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ), доктори илмҳои филология, профессор, узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё буда, аз соли 1981 то соли 1991 дар АИ ҶТ ба сифати лаборант, лаборанти калон, ходими хурди илмӣ адои вазифа намудааст. Солҳои 1984-1985 дар Москва ҳамчун муҳаққиқ-коромӯзи Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи М. Горкийи АИ ИҶШС фаъолият кардааст.

Солҳои 1985-1988 дар аспирантура таҳсил карда, аз соли 1991 ба кафедраи адабиёти советии тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба кор омада, ба сифати муаллими калон, муовини декан, дотсенти кафедра фаъолият намудааст. Солҳои 1999-2004 декани факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон будааст. Моҳи декабри соли 2004 ректори Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон ва ва соли 2012 ректори ДМТ таъйин гардид.

Академик Имомзода М.С. дорандаи унвонҳои баланди илмӣ ва нишонаҳои сарисинагӣ, аз ҷумла нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», ордени «Дӯстӣ», Ифтихорномаи роҳбарони кишварҳои ИДМ, Ифтихорномаи раиси котиботи ИДМ, Корманди шоистаи макотиби олии Федератсияи Россия мебошад.

# ДОНИШГОҲ БАРОИ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷумлаи бонуфузтарин боргоҳи илму маърифат дар тарбия намудани мутахассисони баландихтисос, хештаншинос, ватандӯст ва худогоҳ нақши барҷастаро иҷро менамояд. Дар ин лаҳзаҳои хотирмон ва фараҳбахш аз замони таъсисёбии кохи нуру хирад 70 сол сипарӣ мегардад, ки он ба бисёр дастовардҳои нодир мушарраф гардидааст. Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифт то андеша ва табрикоти мудирони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносиро пешкаши хонандаи хеш гардонад.**



Изатулло МАҲМУДОВ
Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Натиҷаи омӯзишу таҳлили авроқи зардшудаи бойгонӣ, маводи мӯътамади таърихӣ, ҳисоботи оморӣ ва дигар сифру рақамҳо далели равшани онанд, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз замони таъсис то кунун роҳи басо бошарафero тай намуда, имрӯз ба як муассисаи бонуфузи илмию таълимии кишвар ва сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дастовардҳои ин маркази мӯътабари илму хирад дар рушду пешрафти соҳаҳои ҳаёти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ беназиранд. Дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ тамоми самтҳои афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ рушд карда, имрӯзҳо он ба як макони бонуфузи баргузории ҳамоишҳо ва чорабиниҳои сатҳи баланди илмӣ табдил ёфтааст. Таъсиси кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ соли 1973 дар сохтори Донишгоҳ яке аз рӯйдодҳои муҳими илмию фарҳангӣ ба шумор меравад. Бароямон шараф аст, ки ҳайати устодону кормандони кафедра дар ба даст овардани комёбиҳои Донишгоҳи маҳбубамон дар самти фаъолияти илмию таълимӣ ва тарбиявӣ саҳми бориз доранд.

Дар ин лаҳзаҳои таърихӣ ва фараҳу шодӣ аз номи кулли устодону кормандони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ тамоми омузгорону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба ин ҷашни фархунда шодбош гуфта, бароями тансиҳатӣ ва комёбиҳои нави илмиву эҷодиро орзумандам.

Рустам СОТИВОЛДИЕВ
Мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон боргоҳи илму маърифат ва макони муқаддас буда, барои рушди тамоми соҳаҳои мухталифи давлату ҷомеа нақши муассир дорад. ДМТ дар замони Истиқлолияти давлатӣ аввалин муассисаи таҳсилоти олии кишвар аст, ки бо фармони Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми миллӣ ва худмухторро соҳиб гардидааст.

Воқеан, нишондиҳандаҳои оморӣ гувоҳи онанд, ки нақши ДМТ дар пешрафту инкишофи ҷомеаи муосири Тоҷикистон бениҳоят назаррас мебошад. Масалан, дар донишгоҳ зиёда аз 24 ҳазор нафар донишҷӯ



дар шуъбаҳои рӯзонаву ғоибона таҳсил доранд. Зиёда аз ҳазор нафар устодони дорои дараҷаҳои гуногуни илмӣ ба донишҷӯён таълим медиҳанд. Дар донишгоҳ 13 академик, 14 узви вобаста, 152 профессор ва 525 дотсент фаъолият доранд, ки ин аз иқтидори бузурги донишгоҳ гувоҳӣ медиҳад.

Бо камоли эҳтиром, аз номи ҳайати устодон ва кормандони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ 70 - солагии Донишгоҳи миллиро ба тамоми кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯён табрику муборакбод гуфта, орзуи онро дорем, ки донишгоҳ ҳамчун яке аз муассиссаҳои олии кишвар ҳамеша, дар ҳама самтҳо муваффақу собитқадам бошад.

Маҳмадёр РАҶАБОВ
Мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон даргоҳи илму маърифат буда, яке аз бонуфузтарин



муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ мебошад, ки дар тарбияи кадрҳои баландихтисос нақши муассир дорад. Зеро дар ин даргоҳ аксарияти устодон дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ буда, дар амалӣ сохтани барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ, рушди илму техника ва фарҳанг тамоми кобилияти худро истифода мебаранд.

Дар донишгоҳ се самти асосӣ – таълим, тарбия ва илм, ки аз ҳадафҳои асосии он ба шумор мераванд, дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Дар самти таълим имрӯз тадриси фанҳои таълимӣ дар асоси барномаҳои таълимии ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда шудаанд, ки аксаран дар доираи фанҳои таълимӣ адабиётҳои таълимию илмии зиёде бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ таҳия гардидаанд, ки бешак барои ҳар чи хубтар аз худ кардани фанҳои тадрисшаванда мусоидат менамоянд.

Дар самти тарбия бошад, имрӯз дар донишгоҳ тарғиби фарҳанги миллии тоҷикӣ ба таври фаъолона роҳандозӣ карда шуда, донишҷӯён дар рӯҳияи меҳанпарастию худшиносии миллӣ тарбия карда мешаванд.

Дар самти илм бошад донишгоҳи илмие мебошад, ки ҳамвора ба рушду нумуи соҳаҳои гуногуни илми тоҷик машғул аст.

Чун дар арафаи ҷашни 70 – солагии ин даргоҳи муқаддас қарор дорем, кулли устодону кормандон ва донишҷӯёни онро табрик намуда, саодатмандиву сарбаландиро таманно дорам.

Аваз НАЗАРОВ
Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

Боиси хушнудиву сарфарозист, ки дар тӯли фаъолияти



худ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба омӯзишу парвариши мутахассисони сатҳи баланд машғул аст. Дар ин муддат, ҳазорон нафар ихтисосмандони болаёқати соҳаҳои гуногуни ҷомеа ин боргоҳи илму маърифатро хатм карда, дар пешрафти ҷомеа саҳмгузоранд. Тӯли 70-соли фаъолият донишгоҳ ба як маркази бузурги илмию таълими табдил ёфтааст.

ДМТ яке аз нахустин марказҳи таълимии бузургу бонуфузи ҶТ ба шумор меравад ва соли 1948 таъсис ёфтааст, ки дар сохтори он ҳамаги се факултет – заминшиносӣ, биология ва таъриху филология арзи вуҷуд дошт. Баъди як соли ташкили донишгоҳ соли 1949 факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шуд. Дар тули 70-соли маҷудияти худ донишгоҳ аз як таълимгоҳи хурд ба марказӣ калону бонуфуз табдил ёфт, ки алҳол манбаи ягонаи тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар сатҳи ҷумҳурӣ мебошад.

Яке аз факултетҳое, ки дар солҳои аввали фаъолияти донишгоҳ таъсис ёфта буд ин факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ ҳоло 11 кафедра мавҷуд аст. Яке аз кафедраҳое, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таъсис ёфтааст ин кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ба ҳисоб меравад. Кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ бо мутахассисони ҷавону ботаҷриба баш дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар сатҳи ҷумҳурӣ нақши арзанда дорад, ки ин аз фаъолияти густурдаи ДМТ гувоҳ аст.

Кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон устодон, кормандон ва донишҷӯёнро ба муносибати 70-солагии Донишгоҳи азизу мӯътабарамон муборакбод мегуяд.

Зарина НАЗАРОВА
Мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ

Дар шароити имрӯзаи тараққиёти илму техника ва густариши робитаҳои мо бо кишварҳои дунё донистани забонҳои хориҷӣ талаботи замон ҳисоб меёбад. Зеро бо шарофати донистани забонҳои хориҷӣ ҷавонони мо метавонанд дастовардҳои навини тамаддуни муосирро дар асоси донишҳои пешқадам аз худ намоянд.

Барои баланд бардоштани сифати таълим, тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ва забондони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва пурра фаро гирифтани тадриси забонҳои хориҷӣ, таъсиси кафедраи забонҳои хориҷӣ дар назди факултет зарур дониста шуд. Кафедра моҳи июни соли 1999 таъсис дода шудааст, ки 20-солагии фаъолияти он ба таҷлили 70-солагии фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рост омад.

Кафедра фаъолияти худро дар асоси қарору фармонҳои Президенти ҶТ, Вазорати маориф ва илм, раёсати ДМТ ва муқаррароти садорат равона кардааст. Устодони кафедра фаъолияти худро роҷеъ ба самти истифодаи методология ва технологияи навин дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ аз рӯйи нақшаи таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ пеш мебаранд. Устодон кор ва фаъолияти худро дар асоси принсипҳои интерактивӣ ва инкишофи мутаносиби шахсияти донишҷӯ дар замони иқтисодиёти бозоргонӣ равона намуда, дар панҷ соли охир дар мавзӯи "Инкишофи нутқи шифоҳӣ бо истифода аз методологияи навин дар шароити муосир" кори илмӣ-тадқиқотӣ менамоянд.

Ҳамаи устодон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишу забономӯзии донишҷӯён ва беҳтар намудани сифати таълим дар кафедра пайваста ба корҳои илмию методӣ машғуланд. Ба қалами онҳо як қатор монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, дастурҳои методӣ, фарҳангҳои ду забона ва сезабона ва барномаҳои корӣ вобаста ба ихтисосҳои алоҳида таалуқ доранд. Воқеан, ин ҳама натиҷаҳо аз фаъолияти босамари ДМТ шаҳодат медиҳанд. Чунки ДМТ дар радифи донишгоҳҳои бузурги олам қарор гирифта, роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакат тамоми талошҳоро барои расидан ба ҳадафҳои ояндадор анҷом медиҳанд.



Бо як рӯҳияи боло аҳли коллективи кафедраи забонҳои хориҷӣ дар ин лаҳзаи фараҳбахш кулли омӯзгорону профессорон, кормандону донишҷӯёнро ба ифтихори 70-умин солгарди ҷашни муборакi ДМТ та-

# МО АЗИЗ АСТ

брику шодбош гуфта, барояшон тансиҳатию сарбаландӣ, иқболу саодатмандӣ, хушбахтӣ ва дастовардҳои беназири илмию таълимиро орзуманданд. Ҷашни фархунда муборак.



**Шукрулло ҒАЮРОВ**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ**

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун маркази илму маърифат ҳазорҳо мутахассисони ҷавобгӯи сатҳи байналмилалӣ ва рақобатпазири бозори меҳнатро ба камол расонидааст. Дар заминаи ДМТ чандин марказҳои бузурги илмӣ таъсис гардидаанд, ки дар базаи илмии онҳо коркардҳои нодир ва арзишманд ҷамъоварӣ шудааст.

Мо хушҳол аз онем, ки дар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи кишвар ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул мебошем. Дар ДМТ тамоми шароитҳо барои омӯзиши илму фан муҳайё мебошад. Низоми таълиму тарбия дар ДМТ дар сатҳи олӣ чараён дошта, баҳри аз худ намудани илмҳои замонавӣ имкониятҳои фарох мавҷуд аст. Ба донишҷӯён олимони варзидаи Ҷумҳурии азизамон таълим медиҳанд. Воқеан мо мушоҳида менамоем, ки донишҷӯёни ДМТ дар чандин озмунҳои муҳимми илмии сатҳи байналхалқӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро соҳиб мегарданд. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ДМТ низоми фаъоли таълим ҷой дорад ва ҳамагон баҳри номбардории миллати куҳанбунёди тоҷик кӯшишҳо менамоянд.

Мо боварии комил дорем, ки минбаъд низ ҳаёти омӯзгорон ва донишҷӯёни ДМТ баҳри муаррифии миллат, пойдории давлат, мустаҳкамии сулҳу ободӣ неруи зеҳнии худро васеъ истифода мебаранд.

Эй ҳамватан, 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муборак фархунда бод!

**Анвар САФАРЗОДА**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Ҷаҳони муосир ниёз ба пешрафти илмӣ дорад, тараққиёту рушди ҷомеа ва беҳбудии рӯзгори инсон аз дастовардҳои илмӣ вобаста аст. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун бузургтарин муассисаи таълимии Тоҷикстони азиз дар камолоти садҳо ҳазор нафар сахми арзанда гузошта, хатмкардагони ин макони муқаддас дар ободии ин диёри таърихӣ нақши муассир мегузоранд. Пӯшида нест, ки пояи илмии ин макони муқаддас дар ҷумҳурӣ ҳамто надорад, дар тамоми ҷорабиниҳои илмиву фарҳангӣ мухассилини он бартарият доранд. Дар давроны истиқлолият фаъолияти устодону кормандон ва донишҷӯёни ин боргоҳи хирад даҳчанд пурсамар гардид, ки аз ташаккули худшиносиву ватандӯстии онҳо далолат медиҳад.

Ин макони муқаддас, боргоҳи илму хирад ҳоло ҷашн дорад, аз таъсиси он 70 соли сароро ёдмону пурсамар сипарӣ гардид. Дар ҳар як саҳифаи таърихи он садҳо корнамоии илмӣ ба ҷашм мерасад, ки ояндагон онро бо некӣ ёд хоҳанд кард. Бо боварии комил метавон гуфт, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон илму фарҳанги халқи бонангу ор, куҳан-



таърихӣ ватандӯсти тоҷикро садсолаҳои дигар ба ҷаҳониён муаррифӣ хоҳад кард. Зиҳӣ боргоҳи муқаддас, ки олимону донишмандони ту баҳри ободии ватани хеш ҳамеша омода буда, мухассилинат баҳри пойдории сулҳу ваҳдат дар кишвари тоҷикони ҷаҳон– Тоҷикистони ҷавон доимо талош меварзанд. Ин рӯзи накуро барои тамоми устодону кормандон ва мухассилину хатмкардагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон табрик мегӯям. Бигзор дар осмони дурахшони илму маърифати тоҷик ин макони муқаддас чун офтоби тобон нурафшон бошад, аз нури маърифати он ҳамагон баҳравар гарданд. Бигзор дар ин боргоҳи хирад шеваи дӯстиву рафоқат, бунёди худшиносиву раҳкушоӣ ба сӯи адолату ҳақиқат ҳамеша пойдор устувор бошад! Ҷашни 70-солагии ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН муборак!!!

**Азиз ДИНОРШОҲ**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

Воқеан ҳам лаҳзаҳои фараҳбахш аст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ради-



фи дигар донишгоҳҳову муассисаҳои таълимӣ баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисосу пуртаҷриба бетараф нест ва барои вусъат бахшидани маҳорати касбиву илмии онҳо нақши босазое дорад. Дар ҷомеаи имрӯза қариб дар ҳама мақомоту идораҳои давлатӣ ва дигар корхонаву муассисаҳо он шахсиятҳое, ки ин боргоҳи илму маърифат тарбия ва ба камол расонидааст, дидан мумкин аст. ДМТ дар таълиму тарбия ва омӯзонидани илму маърифат ба донишҷӯёну устодон бекарор набуда, пайваста талош ба он меварзад, ки номгӯи шахсони унвондор зиёдтар гардад. Тибқи нишондоди омори ҳар сол бо дастгириву кӯмаки бевоситаи роҳбарияти ДМТ сафи нафарони унвондору мукофотдор рӯ ба афзоиш аст. Имрӯз мо шод аз онем, ки ин макони муқаддас ҷашн дорад ва мо устодони факултети ҳуқуқшиносӣ ҳайати кормандону устодони ДМТ-ро бо ин иди фархунда, яъне 70 солагии он самимона табрику шодбош мегуем ва барояшон тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандем.



**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
**и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

ДМТ барои ман хеле азиз аст. Расо 11 сол қабл, яъне соли 2007 вақте имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супоридам, сазовори номи пуршарафи донишҷӯи ДМТ гардидам. Он сол ба монанди ҳама солҳо довталабони ин даргоҳ хеле зиёд буданд. Ҳатто дар комиссияи қабули ҳамон сол расман эълон карда буданд, ки ба 20 ё 25 нафар як ҷой рост меояд. Роҳбарии ДМТ-ро академик Саймуҳаммад Одинаев бар дӯш доштанд. Яке аз виҷагиҳои ин боргоҳи маърифат ин аст, ки нафарони донишманд хатман донишҷӯ мешаванд. Соли дохилшавии мо низ ин анъанаи нек риоя шуд, ки фикр мекунам сахми ректори онвақта Саймуҳаммад Одинаев дар ин кор хеле бузург аст. Чун санаи 1-уми сентябри соли 2007 нахустин маротиба ба Шаҳраки донишҷӯён омадам ва ба синфхона ба дарс ворид шудам, бузургии ин даргоҳро, ки пеш аз суҳбатҳои дигарон мешунидам, бо чашми худ дидам ва аз наздик дарк кардам. Ман, ки дар оилаи омӯзгор ба воя расида будаму баъди солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аксарияти оилаҳои омӯзгорон шароити хуби зиндагӣ надоштанд, дохил шудан ба донишгоҳи рақами 1 ва бузургтарин факултет дар ҷумҳурӣ – факултети ҳуқуқшиносӣ бароям хушбахтӣ ва шарафи бузурге буд. Маҳз ана ҳамин умеду боварӣ ва фаъолияти самараноку хуби омӯзгорон ва кормандони ин даргоҳ буд, ки донишгоҳро соли 2012 бо дипломи аъло ё ба иборaи дигар сурх хатм кардам. Ба монанди банда теъдоди зиёди ҳамсабақонам низ бо дипломҳои аъло донишгоҳро хатм карданд, ки имрӯз дар вазифаҳои пурмасъули мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда истодаанд.

Баъд аз хатми ДМТ мувофиқи қарори Комиссияи тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон ба вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба кор шурӯъ кардам. Яъне фаъолияти минбаъдаи ман низ бо ДМТ пайвандӣ дорад. Бо шарофати хизмат дар ин боргоҳи муқаддас банда сазовори ном, унвон, вазифа ва дараҷаҳои пуршарафе чун омӯзгор, ҳуқуқшинос, узви иттифоқи байналмилалии журналистон ва иттифоқи журналистони Тоҷикистон, муҳаррир, сармуҳаррир, муовини декан, и.в. мудири кафедра гардидам. Аз ҳама муҳим рисолаи номзадиамро дар Шӯрои миллии диссертатсионии ватанӣ дифоъ кардам. Тӯли ин солҳо муҳити созгори шароити ба вучудовардаи донишгоҳ маро дар соҳаи худам омода намуд. Гузашта аз ин, ин анъанаи некро кадрҳои омада идома медиҳанд. Ман низ комёбиҳои худро самараи алоқамандӣ бо ДМТ мехисобам. Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки барои тарбияи кадрҳои лаёқатманд, ҳуқуқшиносони сатҳи байналмилалӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат пайваста талош варзам ва рисолати омӯзгории худро содиқонаву холисона ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз равона созам. 70-ат муборак донишгоҳам!



**Қурбон ҚУРБОНОВ**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

Имрӯз нақши Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати бунёдгоҳи тафаккури созандаву ва асоси худогоҳии миллӣ, ба ҳайси таҳкурсии инкишофи иҷтимоӣ ва иқтисодию ҳуқуқии мамлакат хеле афзудааст. Муҳити созандаву созгоре, ки тайи солҳои охир дар ДМТ роҳандозӣ мешавад, татбиқи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор рафта, онро чун омили асосии ноил гардидан барои пешбурди кори таълиму тарбия ва илм дар ин боргоҳи маърифат ҳисобидан мумкин аст.

Аз рӯзҳои нахустини фаъолияташ ДМТ тарбияи маънавии ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардумро вазифаи муқаддас ва рисолати таърихии худ шинохта, дар самти омода намудани мутахассисони болаёқат дар ҳама соҳаҳои ҳоҷагии халқ мавқеи пешсафро доро гардид.

Имрӯз аҳли донишгоҳ дар арафаи ин воқеаи фараҳбахш қарор дорад. Таҳияи асарҳои нави илмӣ-оммавӣ, баргузории ҳамоишҳои фарҳангиву фароғатӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, вусъати корҳои ободониву созандагӣ номгӯи мухтасари тараддудҳои гуворои аҳли донишгоҳ мебошад. Дастовардҳои шоистаи ҳайати устодону кормандон ва мухассилинро, ки ба истиқболи ҷашни 70-солагии ДМТ соҳиб шудаанд, арғумони арзанда метавон ҳисобид.

Кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносӣ ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба муносибати ҷашни 70-солагии таъсисёбии ин боргоҳи маърифат самимона табрик гуфта, барояшон саломативу сарбаландӣ, бахту саодат, ободиву осоиш, хушҳоливу хушрӯзӣ, иқболи баланду комёбиҳои нави илмиву эҷодиро орзуманданд.

# ФОЗИЛ ТОҲИРОВ: МАҚСАДИ АСОСИИ

**Имсол аз таъсисёбии ДМТ 70 сол пур мешавад. Тавре медонем, дар рушду нумӯи ДМТ факултети ҳуқуқшиносӣ низ саҳми беандоза дорад. Аз ҷумла яке аз устодони ин даргоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, академики АИ ҶТ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики АИ ИДМ Фозил Тоҳиров дар солҳои басо вазнин – 1990-1995, ки дар кишвар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома дошт, роҳбарии ДМТ-ро ба дӯш доштанд. Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» бо ин шахсияти варзида ва устоди устодони ҳуқуқшинос суҳбате анҷом дод, ки фишурдаи онро пешкаши хонандаи гиромӣ месозем.**






**- Устоди бузург, боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки имсол дар сояи сулҳу субот ва оромии кишвар 70-солагии ДМТ таҷлил карда мешавад. Шумо аз ҷумлаи нафароне ҳастед, ки дар он солҳои вазнин, ки оташи ҷанг ва садои тиру туфанг дари ҳар як тоҷику тоҷикистониро мекӯфт, аз илм дур нагардидед ва вазифаи пурмасъули ректори ДМТ-ро сарбаландона иҷро кардед. Сарввал мехостем бидонем, ки ректор будан чӣ гуна масъулият аст, ва дар даврони роҳбариатон бо кадом мушкилиҳо дучор гардида будед?**

**- Ташаккур, шогирди азиз! Ман қаблан гуфтаниям, ки пеш аз оне, ки ба ҳайси ректори ДМТ (собиқ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин) интихоб шавам, дар якчанд вазифаҳои дигари донишгоҳӣ, аз ҷумла раиси иттифоқи касаба, котиби ҳизби коммунистӣ ва проректори донишгоҳ оид ба корҳои хориҷӣ кор мекардам. Соли 1990 ман охирин ректоре будам, ки ба таври алтернативӣ интихоб гардидам ва ин вазифаи пурмасъулиятро то соли 1995 бар уҳда доштам. Воқеан, Истиқлолиятро мардуми мо ба осонӣ ба даст наовардааст, зеро баъди пош хӯрдани собиқ ИҶШС кишвари моро оташи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт ва ватани мо, истиқлолияту озодии он дар сарҳади нестӣ қарор дошт. Хушбахтона, бо сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ҳам Истиқлолияти давлатӣ ва ҳам Ваҳдати миллиро ба даст овард, ки мо имрӯз дар 27-умин солгарди ин дастоварди беназир – Истиқлолият қарор дорем.**

Вақте банда ба ҳайси ректори ДМТ интихоб гардидам, душманон нобудии миллати моро мехостанд. Ман дар ҳамон шабу рӯз то соати 17:00 корҳои маъмурии донишгоҳро иҷро мекардам ва баъд аз соати 17:00 ҳамчун посбони донишгоҳ фақат назорат мекардам, то донишгоҳро зархаридон насӯзонанд. Дар ошёнаи сеюми факултети фармасевтии имрӯза кафедраи мудофиаи граждани ҷойгир аст, ки ҳамон солҳо он маконро фарзандони гумроҳ пурра оташ заданд. Албатта, ки кафедра аз сари нав баркарор гардид, вале мутаассифона як қатор харитаву дигар асбобҳои аёниро дар ҳамон сӯхтор аз даст додем. Мо сӯхторро зуд хомӯш кардем то бино пурра насӯзад, вале бинои паҳлӯи ДМТ – Институти забон ва адабиёт, ки имрӯз утоқи кории ман дар ҳамон ҷо ҷойгир аст, пурра ба коми оташ кашида шуда буд. Хушбахтона ягон нафар осеб надид, зеро кормандон баъди соати корӣ ба хона баргашта буданд. Асосан хоинону душманон оташзаниву несту нобуд кардани маводи таълимиву илмиро баъд аз соати корӣ анҷом медоданд. Дар чунин шароити вазнин мо аз илм ва аз донишгоҳ дур нагардидем.

Новобаста аз оне, ки кишварро оташи ҷанг фаро гирифта буд, дарҳои донишгоҳ кушода буд ва донишҷӯён таҳсил мекарданд. Аз ҳамин сабаб, ман дар боло ишора намудам, ки баъд аз соати корӣ вазифаи посбонии донишгоҳро иҷро мекардам. Акнун, шогирди азиз, як бор андеша кунед, ки кадом фарзанди тоҷик, бинои таълимӣ ё бинои академияи илмҳоро оташ мезанад? Бе шакку шубҳа ин кори зархаридон ё хоҷагони хориҷии фарзандони гумроҳи миллати мо буданд. Ба ғайр аз ин, мухолифини кишвари мо мехостанд, ки устодону донишҷӯёни донишгоҳро ба гурӯҳи оппозитсионӣ ҳамроҳ кунанд. Умуман дар фаъолияти кориям, ман ҳамеша дар мубориза бо гурӯҳҳои оппозитсионӣ будам, то ягон донишҷӯ ё устоди донишгоҳ ба саффи онҳо ҳамроҳ нагардад ва имрӯз ҳам дар ин мавқеи худ устуворам.

**- Устоди азиз! Чун солҳои фаъолияти ректории Шумо дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рост омад, дар ҳамон шабу рӯз, оё боре хатари ҷониро рафъ намудаед? Магар барои як нафар омӯзгор иҷрои вазифаи ҳам роҳбарии донишгоҳ ва ҳам посбонии он ба вақти шаб мушкил ва эҳсоси тарс набуд?**

- Шогирди азиз, бисёр саволи хуб додед. Бояд гуфт, ки дар он солҳо кор кардан як сӯ истад, дар Душанбе зиндагӣ кардан хатар дошт. Албатта, ман як хотироте дорам, ки агар дониши ҳуқуқиям намебуд, шояд тақдирам номаълум мемонд.

**1-уми апрели соли 1992 ман дар утоқи кориям кор карда истода будам.Он вақт утоқи кории ректор дар ошёнаи 1-уми бинои асосии ДМТ ҷойгир буд. Тақрибан соатҳои 16:00 аз шаҳраки донишҷӯён занг заданд ва хабар доданд, ки дар толори бинои шаҳрак гирдиҳамоӣ баргузор шуда истодааст. Ман дарҳол ба шаҳраки донишҷӯён ҳозир шудам ва дар собиқ толори шаҳрак, ки имрӯз он ҷо китобхона ташкил шудааст, ворид гардидам. Баробари ба толор ворид шудан, шодравон Бозор Собир маро ба минбар даъват карду аз донишҷӯён хоҳиш намуд, ки чӣ саволҳое дошта бошед ба ректор пешниҳод кунед. Бовар кунед, дар якчанд лаҳза ба ман хато накунам тақрибан 300 савол пешниҳод намуданд, ки дар ҳамон мавриди ҳуқуқшинос буданаму доштани дониши ҳуқуқӣ маро наҷот дод ва хатари ҷониро рафъ намудам. Тасаввур кунед, ки агар ман ба саволҳои онҳо ҷавобҳои дақиқ намедодам ва онҳоро қонеъ намекардам, Худо медонад, ки тақдирам чӣ мешуд. Ва дар охири ҳамин гирдиҳамоӣ ман ба донишҷӯён мурочиат кардам, ки ректори донишгоҳ ин падару модари донишҷӯ аст. Шумо ки имрӯз бо мақсади таҳсил ба ин ҷо омадаед ва аз волидонатон дур шудаед, масъулияти ҳар яки шумо ба ман вогузор шудааст.** Агар бори дигар чунин ҷамъомаду гирдиҳамоӣ ташкил кунед ва ба ё иштироки яке аз шуморо дар майдонҳои ташкилкардаи ҳамонвақта

# МАН ПЕШРАФТИ ДОНИШГОҲ БУД



– «Шаҳидон» ва «Озодӣ» бинам, ба волидонатон мактуб ирсол мекунам, ки омада шуморо баранд. Албатта, ман он вақт аз ғазаб ин суханҳоро ба онҳо гуфтам. Дар асл бошад, иҷозат намедодам, ки ягон донишҷӯ таҳсилашро дар ними роҳ монад. Ҳатто донишҷӯёне, ки донишгоҳро партофта ба деҳа баргаштанд, ман ба шаҳру ноҳияҳо рафта онҳоро ба донишгоҳ баргардондам.

**Ҳангоми посбонии донишгоҳ баъд аз соати корӣ низ мақсади асосии банда ҳифз ва ҳимояи донишгоҳ буд. Шояд дар дил тарсу ҳарос ва бими ҷон низ буд, аммо мақсади асосии ман бегазанд нигоҳ доштани ин муассисаи таълимӣ ва ба ояндагон ба мерос гузоштани он буд, ки фикр мекунам ин мақсади банда амалӣ гардид.**

**- Аҳсан устоди арҷманд! Маълум аст, ки Шумо тӯли солҳои фаъолияти илмиву омӯзгории хеш шогирдони зиёдеро дар рӯҳияи ватанпарастиву меҳнатдӯстӣ тарбия намудаед. Мехоҳем каме дар бораи шогирдону дастпарварони Шумо дониста бошем.**

**- Ман дар тӯли фаъолияти худ 9 доктори илмро корҳои илмиашонро роҳбарӣ намудаам, аз ҷумла Эмомалӣ Насриддинзода, Рустам Сотиволдиев, Абдураҳим Холиқов, Азиза Маликова, Убайдулло Азиззода, Бахтовар Сафарзода ва дигарон, ки имрӯз хушбахтона ин шогирдон ҳамроҳи ман аъзои Шӯрои миллии диссертатсионии ҳуқуқшиносон мебошанд. Ба ғайр аз ин ходимони илм, шогирдони дигарам дар вазифаҳои пурмасъули давлатӣ кор ва фаъолият мекунанд. Ман бо чунин шогирдонам ифтихор менамоям. Шогирдон дар кӯчае, ки бошанд, дар ҳаққашон дуои нек мекунам, ҳар устоде, ки шогирдонашро аз дили соф ва бо нияти нек ҳамчун фарзанди хеш тарбия намояд, ҳатман мисли Эмомалӣ Насриддинзода, Рустам Сотиволдиев, Абдураҳим Холиқов ва даҳҳо шогирдони дигар ба халқу ватани хеш мутахассисони арзанда шуда, хизмат менамоянд.**

То солҳои ректории ман дар донишгоҳ 5 шӯрои дифоъ фаъолият мекард, дар 5 соли ректории ман 6 шӯрои дифои дигар кушода шуд, ки шумораи умумии онҳо ба 11-то расид. Вақте, ки рисолаи доктории омӯзгорон омода мегардид, онҳоро дастгирӣ менамудам, то ки зуд ҳимоя намоянд ва аз ҳисоби онҳо шӯроҳои диссертатсионӣ ташкил менамудам. Ҳатто як принсипи корӣ доштам, ки мудирони кафедра низ танҳо профессор тайъин мешуданд. Дар давраи ректории ман аз тамоми факултетҳо 134 нафар дараҷаи илмии номзади илмро соҳиб шуданд

**- Устоди азиз! Шумо бо яке аз устодони бузурги факултети ҳуқуқшиносӣ Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич ҳамсабақ ва бисёр дӯстҳои саммимиед. Мехостем каме оид ба ҳаёти донишҷӯии хеш ба мо қисса намоед.**

- Саломат бошед (механдад). Бале, ман бо Неъматҷон ҳамсабақ ва дӯстони хуб ҳастем. Дар даврони донишҷӯӣ он вақт волидони Неъмат Абдуллоев дар қайди ҳаёт буданд, ба хонаи онҳо зуд-зуд меҳмон мешудем. Ӯ хеле нигоҳубини ҷонвари аспро дӯст медорад ва аспҳояш дар зебоӣ ҳамто надоштанд. Мо ки ҷавон будем аз шавқи бозӣ бо аспҳои Неъмат ҳеҷ сер намешудем. Ман бисёр ифтихор мекунам, ки бо ин гуна шахсияти нотакрор риштаи дӯстӣ дорам. Инсони софдил ва самимӣ ҳаст ин Неъматҷон.

**- Имрӯз ба чӣ корҳо машғулед?**

**- Имрӯз дар Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ кор мекунам. Рӯзҳои сешанбе ва шанбе рӯзи қабул дорам. Агар оид ба ягон масъалаи илмӣ муроҷиат карданӣ бошед, ман ҳатман машварат медиҳам, ҳамзамон бисёр кӯшиш намуда истодаам, ки институти давлат ва ҳуқуқ аз сари нав кушода шавад. Ҳамчунин, чи хеле ки дар боло қайд намудам, аъзои Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ ҳастам ва ба рисолаҳои номзадиву доктории шогирдонро хонда, баҳо медиҳам. Ба шогирдон дар тамоми масъалаҳо, махсусан дар ҷодаи илм кӯмаки худро дареғ намедорам. Олимони ҷавони факултетро даъват мекунам, ки рӯзҳои сешанбе ва шанбе ба қабулгоҳи ман ҳозир шаванд, то дар бобати рисолаи илмиашон ба онҳо машварат диҳам.**

**- Чун сухан аз олимони ҷавон рафт, ба онҳо чӣ тавсияҳо доданиед?**

**- Омӯзгорони ҷавон бояд ҳамеша дар пайи ҷустани илм бошанд. Тавре дар урфият мегӯянд: «Ҳама чизро сарф кунӣ кам мешавад, вале илмро сарф кунӣ баръакс зиёд мешавад». Пас мо бояд илми худро сарфи ана ҳамин олимони ҷавон созем. Ҳамеша барои ҳамаи ходимони илм ва аҳли зиё, махсусан олимону устодони ҷавон дуои нек мекунам.**

**- Тавре медонем, ҳаёту фаъолият, яъне робитаи Шумо бо ДМТ аз айёми донишҷӯӣ оғоз меёбад. Ин робита ё пайвандиро чӣ гуна тавсиф мекунед?**

**- Ҳаёту фаъолият, эҷодиёт ва зиндагии ман бо ДМТ пайвандии ногусастанӣ дорад. Ман хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошам. Аспирантураро дар ҳамин даргоҳ хондам ва сазовори дараҷаи номзади илм ва унвони илмии дотсент шудам. Ман дар ДМТ дараҷаи илмии доктори илм ва унвони илмии профессорро ба даст овардам. Аз ҳамин боргоҳи маърифат ба унвони академикӣ ва вазифаи ректорӣ расидам. Айни замон низ корманди ҳамин даргоҳ, яъне факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошам. Яъне тамоми дастовардҳои комёбиҳоям бо ин даргоҳ бастагӣ дорад. Ман бо донишгоҳам ифтихор дорам.**

**- Ташаккури зиёд устоди арҷманд, барои суҳбати саммимӣ. Мо ҳам дуогӯи он ҳастем, ки тани Шумо дардро набинад ва доим дастгири мо ҷавонон дар ҷодаи илм бошед.**

- Саломат бошед.



**Суҳбатнигор:**
**Савлат ИЗЗАТУЛЛОЗОДА**

# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН







**Миллати тоҷик дорои таърихи куҳан буда, дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми назаррасро гузоштааст. Маҳз фарҳанги баланди аҷдодӣ ва иродаи шикастнопазири мардуми тоҷик боиси он гашт, ки як қатор донишгоҳу донишкадаҳо дар кишвар ташкил ёфтанд.**

Сохти шӯравӣ, бо вуҷуди тазодҳои сиёсӣ ва мафкуравии худ имконияти зарурӣ фароҳам овард, ки тоҷикон соҳиби давлати миллии худ бишаванд ва барои маҳви бесаводӣ ва камсаводӣ чораҳои воқеиро ба миён оваранд. Давлати шӯравӣ барои таъсиси донишгоҳу донишкадаҳо дар Тоҷикистон кӯмаки худро расонид ва ин боиси он гашт, ки дар ибтидои солҳои 40-уми асри XX нахустин донишгоҳ ба истифода дода шуд.

Новобаста аз мушкилотҳои солҳои 40-уми асри гузашта 21-уми марти соли 1947 қарори Шӯрои Вазирони СССР тахти №643 ба имзо расид, ки он ба таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бахшида шуда буд. Муассисаи олии таълимии мазкур аз 1-уми сенятбри соли 1948 фаъолияти худро оғоз намуд. Он фаъолияти хуро дар бинои таълимии Институти омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) оғоз намуд. Соли 1949 бинои собиқ Кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод воқеъ дар хиёбони марказии шаҳр ба ихтиёри Донишгоҳ дода шуд, ки он ҳоло чун бинои асосӣ маъруф аст.

Таъсиси аввалин донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он ба номи аллома Бобоҷон Ғафуров – сарвари онвақтаи ҳизби коммунистии Тоҷикистон марбут аст. Маҳз бо ташаббуси эшон КМ ПК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҶСС Тоҷикистон ба Вазири мактабҳои олии СССР С. Кафтанов муроҷиат намуда, хоҳиш карданд, ки барои ташкил намудани Донишгоҳ дар Тоҷикистон мусоидат намояд. Дере нагузашта Бобоҷон Ғафуров ва Вазири мактабҳои олии СССР С. Кафтанов ба роҳбарияти ҳизбӣ ва Шӯрои Вазирони СССР дар бораи заруати дар Тоҷикистон ташкил намудани Донишгоҳи давлатӣ таклиф пешниҳод карданд. Пешниҳоди сарварони РСС Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти Иттифоқи Шуравӣ мусбӣ пазируфта шуд. 21-уми марти соли 1947 дар Маскав қарори Шӯрои Вазирони СССР тахти рақами №643 оид ба таъсис додани Донишгоҳи давлатии Тоҷикстон аз ҷониби Раиси Шӯрои Вазирони СССР И.Сталин ва Раиси умури идораи он П.Чадаев ба имзо расид.

Аз 1-уми августи соли 1948 дар Донишгоҳ 13 кафедра: кафедраи марксизм-ленинизм, кафедраи таърих, кафедраи забон ва адабиёти рус, кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, кафедраи геологияи умумӣ, кафедраи математикаи умумӣ, кафедраи химияи умумӣ, кафедраи зоологияи умумӣ, кафедраи ботаникаи умумӣ, кафедраи физикаи умумӣ, кафедраи забонҳои хориҷӣ, кафедраи тайёрии ҳарбӣ ва инчунин кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба фаъолият сар карданд.

Соли 1948 дар ҳайати университет се факултет: геологӣ-хокшиносӣ, биология ва таъриху филология ташкил ёфтанд. Дар байни 200 нафар шогирдони ба курси авввал дохилшуда, 110 нафарро ҷавонони тоҷик ташкил медоданд. Дар курси дуюми шӯъбаи биология 50 нафар таълим мегирифтанд. Теъдоди устодон бошад, аз 17 кормандони доимӣ ва 19 нафар соатбаъйҳо иборат буд.

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 1949, баъди як соли таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ифтитоҳ ёфт. Дар солҳои аввали ташкилёбиаш дар факултет ҳамагӣ 35 нафар донишҷӯ таҳсил мекард. Факултет дорои 1 кафедра ва 3 нафар устод буд.

Талаботи рӯзафзуни хоҷагии халқи мамлакатро ба инобат гирифта, соли 1956 дар заминаи факултети табиатшиносӣ факултетҳои геология, биология, соли 1959 химия, соли 1965 факултети физика, механикаву математика ташкил шуданд. Мувофиқи талаботи замон соли 1963 факултети забон ва адабиёти рус, соли 1966 дар заминаи факултети таъриху филология факултети таърих, филогогияи тоҷик ва соли 1970 факултети филологияи Шарқ, факултети иқтисодӣ, факултети банақшагирии иқтисодӣ, ва факултети базисобгирии молиявӣ таъсис ёфтанд. Дар ин муддат теъдоди муаллимони унвондор афзуд. Аз соли 1951 то соли 1997 дар нуҳ шӯроҳои дифои рисолаҳои диссертатсионии Донишгоҳ 1019 нафар рисолаҳои илмии худро барои дарёфти унвонҳои номзадиву докторӣ ҳимоя намуданд.

Таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бе номи аввалин ректори он Зариф Шарифович Раҷабов (1906-1991) наметавон тасаввур кард. Зариф Раҷабов дар вазифаи ректор (аз 27 феврали соли 1948 то 20 январи соли 1954) корҳои зиёд ба анҷом расонида, таҳкурсии боэътимоди Донишгоҳро барои солҳои минбаъда гузошт.

Соли 1997 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва соли 2008 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) номгузорӣ шудааст.





ДМТ аз ибтидои фаъолияташ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ саҳми хешро гузоштааст. Ба донишҷӯёни донишгоҳ олимони намоёни ҷумҳурӣ таълиму тарбия медиҳанд. Биноҳои таълимии донишгоҳ, аввал дар маркази Душанбе, дар якчанд биноҳои алоҳида ҷойгир буданд. Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум шаҳраки донишгоҳ дар мавзеи Бунни Ҳисорак қомат рост кард. Ҳоло аксарияти факултаҳо ва лабораторияҳои донишгоҳ дар ин мавзеъ фаъолият мебаранд. Ба сохтори донишгоҳ – 18 факултет, нашриёт, китобхонаи илмӣ, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ, боғи ботаникӣ дохил мешаванд (соли 2008). Шумораи донишҷӯён зиёда аз 24000 нафар, кормандони илмӣ-омӯзгорӣ тахминан 1200 нафар аст. Аз соли 2012 ректори донишгоҳ академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Имомзода М.С. мебошад.



# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН – БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



**Шероз САЛИМЗОДА**
**донишҷӯи соли 5**

Миллати тоҷик аз замонҳои қадим баҳри соҳибилм кардани халқи худ талош намудааст. Замоне дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ мактабҳое арзи ҳастӣ менамуданд, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд ва аз манотиқи гуногуни ҷаҳон дар онҳо сабақ мегирифтанд. Чунин аслият аз аҷдодони хирадпешаи тоҷик ба мо мерос расидааст ва имрӯз идома дорад. Новобаста аз мушкилотҳои ҷойдошта ва муддате дар доираи давлатҳои бегона зиндагӣ намудан, халқи тоҷик забону фарҳанги худро аз даст надод ва дигарбора соҳиби давлати миллӣ гардид.

Бо баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумат ба масъалаи таълиму тарбия диққати аввалиндараҷа зоҳир намуд ва як қатор муассисаҳои таълимӣ ба истифода дода шуд. Инчунин, мактаб ва донишгоҳу донишкадаҳои қаблан вуҷуддошта аз нав таъмир гардиданд, ки имрӯз ба насли замони истиқлол хизмат менамоянд.

Таъсис додани донишгоҳ дар ҳудуди Тоҷикистон кори саҳл набуда, бахри амалӣ намудани чунин ҳадаф фарзандони хирадманду ватандӯсти тоҷик заҳмати шабонарӯзӣ кашидаанд. Маҳз талошҳои пайвастаи эшон буд, ки соли 1947 дар ҶШС Тоҷикистон донишгоҳи давлатӣ таъсис ёфтаву аз соли 1948 ба фаъолият оғоз намуд. Ин аввалин донишгоҳ буд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ба истифода дода шуд, ки имрӯз бо номи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълуму машҳур мебошад.

Таъсис ёфтани чунин боргоҳи хирад натанҳо ба манфиати аҳолии кишвар, балки ба манфиати халқу миллатҳое буд, ки дар ҳудуди он кору зиндагӣ менамуданд. Ин аст, ки имрӯз номи онро дар тамоми гӯшаву канори кишварҳои собиқ шӯравӣ бо ифтихор ба забон меоранд ва худро хатмкардаи ин даргоҳ меҳисобанд. Имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ид дорад, яъне аз рӯзи таъсиси он 70 сол сипарӣ мегардад. Бо ин назардошт, тамоми устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи нуру маърифатро бо ин санаи фархунда муборак бод менамоям.

**Бахтовар АШӮРОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Дар дунё миллатҳое вуҷуд доранд, ки натанҳо оромиву озодӣ, балки макони таълиму тарбияро доро нестанд. Мо насли замони истиқлол аз он шоду хушбахтем, ки дар кишвари азизамон ҳам оромиву озодӣ ва ҳам илму таълим дар сатҳи олӣ ҷой дорад.



Яке аз чунин даргоҳи маърифат Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ки муддати 70 сол дар таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони баландихтисос саҳми назаррас ва аввалиндараҷаро ичро менамояд. Мутахассисони он дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа кор ва фаъолият менамоянд ва дар ободиву пешрафти Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми назарраси худро мегузоранд. Онҳо натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ шуҳрат пайдо намуда, дар инкишофи ҷомеаи байналмилалӣ ва илми замони муосир таъсири амиқ мегузоранд.

Замоне, ки дар муассисаи таълимии миёна таҳсил менамудам орзуи донишҷӯи ин даргоҳи муқаддас шуданро доштам ва шукргузор аз онам, ки имрӯз ба ҳадафи асосии худ ноил гардидам. Таҳсил намудам дар чунин мактаби олӣ бароям ифтихор ва боиси сарфарозист, зеро ҳазорҳо нафар орзуи таҳсил намудан дар онро доранд, аммо бо сабабҳои гуногун натавонистанд номи пуршарафи донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба даст оваранд. Бо ин назардошт, тамоми нерӯи инсонии худро бахри он сарф менамоям, ки хуб таҳсил намоям ва мутахассиси хуби соҳаи интихобкардаи худ гардида, дар пешрафт ва ободии давлати азизамон саҳми худро гузорам.

Чун имрӯз боргоҳи бисёр ҳам муқаддас, даргоҳи илму хирад, макони олимони забардаст, яъне Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯзи таъсисёбии худро таҷлил менамояд, ҳамчун насли хушдоғоҳи меҳан ва фарзанди вафодори он ин рӯзро ба тамоми устодони азиз, донишҷӯён ва мардуми шарафманди тоҷик самимона табрик намуда, орзуи побарҷогии ҳамешагии онро дорам то ҳазорҳо кардҳои арзандаро ба нафъи давлату миллат омода ва тарбия намояд.

**Алина АСОЕВА**
**донишҷӯи соли 1**

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ роҳи миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳон кушода шуд ва ҳамкориҳои гуногунҷабҳа ба вуҷуд омаданд ва имрӯз дар ҳоли рушд қарор доранд. Аз ҷумла, ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти илму таълим бо суръати баланд пеш рафта, дар ин самт ҳазорҳо донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳу донишкадаҳои хориҷ таҳсили илм менамоянд. Дар баробари ин донишҷӯёни кишварҳои гуногун дар Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки онҳо натанҳо илм,



балки забони ноби тоҷикиро меомӯзанд ва дар муарифии расму оинҳои миллӣ, фарҳанги миллати тоҷик саҳми арзишмандро мегузоранд.

Аз ҷумла, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пас аз истиқлолият бо бисёре аз донишгоҳу донишкадаҳои сайёра робитаи густурдаи ҳамкориро ба роҳ монда, аз таҷрибаи онҳо истифода менамояд ва мутақобилан дигар донишгоҳҳои хориҷ аз таҷрибаи мо дар самти таълиму тарбия истифода намуда истодаанд, ки ин боиси ифтихор ва сарфарозист. Дар ин самт барномаҳои гуногун ҷой доранд, ки барои донишҷӯёни ин даргоҳ замина фароҳам меоранд то таҷрибаи худро дар як муддати муайян дар муассисаҳои олии таълимии хориҷ сайқал диҳанд ва дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми бориз худро гузоранд.

Имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон натанҳо дар дохили кишвар маълуму машҳур аст, балки берун аз он низ ба сифати донишгоҳи обрӯманд пазируфта шудааст. Далели ин гуфтаҳо ташриф овардани сарони мамолики гуногун ба ДМТ аст, ки шуҳрати ин боргоҳро дучанд баланд бардошта, дар сайқал додани ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши назаррасро ичро менамояд.

Таҷлили 70-умин солгарди он барои мо донишҷӯён боиси фараҳи зиёд аст. Зеро, мо ифтихор аз он дорем, ки дар таҷлили ин санаи фархунда ва таърихӣ чун донишҷӯи Донишгоҳи миллӣ иштирок менамоем ва дар хотироти худ то абад онро нигоҳ медорем. Фархунда бод 70 соли пирӯзӣ ва муваффақият!

**Муниса АБДУЛЛОЕВА**
**донишҷӯи соли 3**

Дар Ватани биҳиштосои Тоҷикистон зиндагӣ намуда, ба қадри оромиву ободӣ ва озодии он нарасидан, гуноҳест нобахшиданист. Ҳар фарди худогоҳ ва хештаншиносро зарур аст, ки аз ин имкониятҳо ба таври самаранок истифода намуда, дар ғанӣ гардонидани таҷрибаи касбӣ ва илмии худ нақш бигзорад.

Сарфароз аз онам, ки имрӯз дар чунин Ватани ором осоишта умр ба сар мебарам ва метавонам орзуи худро бе мушкилӣ амалӣ намоям. Бахусус, дар самти омӯхтани илм пайваста талош намуда, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гардидам ва имрӯз дар он бо сарбаландӣ таҳсил намуда истодаам.

Соҳиб гардидан ба номи пуршарафи донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои банда бисёр арзишманд ва созовори ифтихор аст. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми ша-



роит барои аз бар намудани донишҳои замонавӣ ва касбӣ фароҳам оварда шудааст ва моро зарур аст, ки аз он самаранок истифода намуда, чун мутахассиси хуб ба камол расем ва барои ободии меҳани аҷдодиамон саҳми кӯчаки худро бигзорем.

Факултети ҳуқуқшиносӣ дар тарбия намудани кадрҳои баландихтисос нақши бисёр мубрамро ичро менамояд. Донишҷӯёни ин даргоҳи илму ирфон аз он сарфарозанд, ки дар таҷлил намудани 70-умин солгарди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишгоҳе ки барои тарбияи насли хештаншинос нақши калидиро ичро менамояд, иштирок намуда истодаанд.

Мо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ 70-умин соли таъсиси коҳи боҳашамати илму маърифат – Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро сидқан ба ҳайати бисёрнафари устодон ва донишҷӯёни ин даргоҳ табрик намуда, таманнои пирӯзӣ ва комёбии ҳамешагии онро дорем.

**Комрон ФАРРУХЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**

Дар тарбияи насли соҳибкамоли кишвар нақши Донишгоҳи миллии Тоҷикистон беназир ва бузург мебошад. Зеро насли тарбиянамудаи он имрӯз дар тамоми ҷабҳа кор ва фаъолияи пурсамар нишон дода истодаанд ва вазифаҳои пурмасъулияти давлатиро ба зимма доранд.

Дар самти мазкур нақши устодони ин боргоҳи маърифат аз аҳамият холӣ нест. Зеро маҳз талошҳои пайвастаи онҳост, ки насли пур аз ғурури ватандорӣ тарбия меёбанд ва ба воя мерасанд. Мо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ шоҳиди меҳнати самимӣ ва содиқонаи устодони худ ҳастем, ки бо роҳбарии устоди бисёр азизу меҳрубон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. заҳмати шабонарӯзӣ мекашанд то мо бокеан мутахассис ва насли арзандаи миллат ба камол расем. Аз ин рӯ, ваъда медиҳем, ки тамоми ҳастии худро бахри аз бар намудани илму дониш сафарбар менамоем ва дар ободии миллати худ тамоми нерӯи инсониамонро сарф менамоем.

Бо камоли эҳтиром ва ифтихори бузург 70-умин солгарди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба тамоми устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ самимона табрик менамоям. Таманнои онро дорам, ки дар кишвари азизамон сулҳу субот побарҷо бимонад ва мо дар фазои беғубори он ҳаргиз биомӯзем ва дар тараққиёти Ватани азизамон саҳми арзандаи



хешро гузорем. Муваффақият, бардавомӣ ва пирӯзӣ насиби ҳамешагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бод!

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШОҲИД ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Додрасӣ ва мурофиаи судӣ яке аз механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар қатори дигар падидаҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ падидаи шоҳид низ дар ҷараёни ошкор намудани ҳақиқат нақши муҳим дорад.

Шоҳидии шахсони алоҳида нисбат ба дигар далелҳо дар мурофиаи судӣ аҳамияти бештар дорад. Аз ин сабаб, омӯзиш ва баррасии вазъи ҳуқуқии шоҳид дар таърихи давлатдории тоҷикон метавонад барои ислоҳи додрасии муосир ва мувофиқ намудани қонунгузории амалкунанда мусоидат намояд. Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии давраҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик баёнгари он аст, ки вазъи ҳуқуқии шоҳид доимо яксон набуда, вобаста ба омилҳои гуногун муқаррар мегардид.

Дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба нақши субъектони мурофиаи ҷиноятӣ, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ мусоидат мекунанд, шоҳид ба «иштирокчиёни дигар»-и мурофиаи ҷиноятӣ шомил карда мешавад, ки барои таъмин намудани адолати судӣ мусоидат менамояд. Дар қатори дигар далелҳо нишондоди шоҳид дар ҷараёни ошкор намудани ҳақиқат нақши муҳим дорад.

Мувофиқи моддаи 56 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ «барои додани нишондод шахсе даъват карда мешавад, ки ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта маълум аст».

Бинобар ин, дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ шоҳидро дар бораи ҳама гуна ҳолатҳое, ки бояд оид ба парванда муқаррар карда шаванд, аз ҷумла, дар бораи шахсияти айбдоршаванда, чабрдида ва муносибатҳои доштаи худи ӯ ба онҳо пурсиш кардан мумкин аст.

Шоҳид дар мурофиаи ҷиноятӣ ивазнашаванда аст. Маълумотҳое, ки барои муайян кардани парванда, яъне ҳолатҳои барои парванда аҳамият дошта заруранд, танҳо дар ихтиёри ӯ буда метавонад. Бояд қайд кард, ки қонунгузор доираи амали шоҳидро ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муайян намудааст, вале таърифи аниқ ва ягонаи падидаи шоҳид то имрӯз дар илм вуҷуд надорад. Инчунин як қатор масъалаҳои бахснок вобаста ба вазъи ҳуқуқии субъекти мазкури муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳалли худро наёфтаанд. Тартиби пурсиши як қатор иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (муфаттиш, айбдоршаванда, эксперт ва дигарон) ба сифати шоҳид такмилро тақозо мекунад. Инчунин омӯзиши ҷиддиро масъалаи ҳимояи давлатии шоҳидоне, ки ба мурофиаи судии ҷиноятӣ мусоидат намудаанд, талаб менамояд.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми татбиқи қонунгузории нави мурофиаи ҷиноятӣ бо мушкилиҳои ҷиддие рӯ ба рӯ мешаванд, ки услубҳои нави фаъолиятро ҳангоми иштироки шоҳидон муайян менамоянд. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ мафҳуми вазъи ҳуқуқии шоҳид дучори таҳаввули ҷиддӣ гашта, хусусиятҳои хоси субъекти мазкури муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар давраҳои гуногуни мурофиаи судӣ тағйир ёфт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузор дар қисми 2 моддаи 56 ҳолатҳоеро муайян намудааст, ки дар ҳолати ҷой доштани яке аз онҳо шахс ба сифати шоҳид пурсида намешавад:

- шахсоне, ки бо сабаби норасоиҳои ҷисмонӣ ё руҳӣ қобилият надоранд, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршударо дуруст дарк намоянд;
- адвокат ва ёрдамчии ӯ барои аниқ намудани маълумоте, ки мумкин аст ба онҳо ба сабаби муроҷиат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ё расонидани чунин ёрӣ аён гардидааст;
- хешовандони наздики гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ба шарте, ки онҳо барои пурсиш ба сифати шоҳиди парвандаи мазкур розӣ нашуда бошанд (яке аз меъёрҳои диспозитивии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад);
- судя, машваратчии халқӣ оид ба ҳолатҳои муҳокимаи масъалаҳое, ки ҳангоми иштироки онҳо дар баррасии парванда маълум гаштааст.

Мувофиқи қисми 5 моддаи 56 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳид ҳангоми қасдан аз рӯи даъват ҳозир нашудан маҷбуран оварда мешавад ва бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Мувофиқи қисми 6 моддаи 56 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, шоҳид барои саркашӣ аз ҳозир шудан ва барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ ё нахостани додани нишондод мутобиқи моддаҳои 351 – 352 – и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

Шахсе, ки ба сифати шоҳид даъват карда шудааст, ӯро дар бораи ҳамаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва хатто аз муносибати байни ҷабрдида ва айбдоршаванда ва инчунин шахсияти ӯ низ аз пурсидан мумкин аст. Шоҳидро мувофиқи қоидаи умумӣ дар вақти берун аз соати корӣ, хониш ва инчунин дар рӯзҳои ид даъват кардан мумкин нест. Пеш аз пурсидани шоҳид муфаттиш вазифадор аст, ки шахсияти шо¬ҳидро санҷида боварӣ ҳосил намояд, ки барои нишондод додан ҳамон шахси даъватшуда ҳозир шудааст.



**Муборак САФИЕВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Шоҳид ин иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад, ки ба оқибати кор манфиати ҳуқуқӣ надорад аммо дар ҳолати иштирок накардани шоҳид дар рафти мурофиа боиси мушкилиҳои номусоид омаданаш мумкин аст.

Ин аст моҳияти мусоидат кардани шоҳид барои таъмини адолати судӣ дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ.

Дар воқеъ, падидаи шоҳид дар мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти хоса дошта нисбати дигар далелҳо дар мурофиа эътибори бештар дорад, чунки шоҳидии ашхоси алоҳида боиси дуруст ва саҳеҳ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

# РАВАНДИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Меҳруллоҳ БОБОЕВ**
**донишҷӯи соли 3**

Коррупсия яке аз масъалаҳои мушкили замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкишофи давлатҳо мегардад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки алайҳи ин зуҳуроти номатлуб ҷораҳои мушаххаси қонунӣ андешад. Барои пешгирӣ аз ҳама ҷиноятҳо ҷиноятҳои коррупсионӣ ва мубориза бо коррупсия санаи 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 дар конфронси сиёсӣ зиёда аз 100 давлати дунё ба Конвенсияи мазкур имзои худро гузоштанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори дигар давлатҳо санаи 25 сентябри соли 2006 ба Конвенсияи мазкур имзо гузошта, он ба низоми ҳуқуқии кишвар ворид карда шуд. Бо иқдоми сиёсии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратӣ ҳанӯз 10 январи соли 2007 “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда таъсис дода шуд. Дар ин ҷода, бахри ба нақшагирии фаъолияти давлат дар самти муқовимат бо коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 бори аввал барномаи зиддикоррупсионии давлатӣ “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012” ба тасвиб расида, баъди ба охир расидани муҳлати амали он, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 “Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул гардид. Бахри амалӣ гаштани мақсаду мароми барномаҳои мазкур Агентӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати татбиқи нақшаи ҷорабиниҳои онҳо дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳо ҷораҳои таъхирнопазир ва мушассир андешида истодааст. Дар назар аст, ки то ба анҷом расидани муҳлати пешбинишудаи санади барномавии зиддикоррупсионӣ сатҳи коррупсия дар кишвар паст гардида, шароит барои рушди иқтисодиёт, инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум фароҳам оварда мешавад. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ бахри иҷрои вазифаҳои ба зимааш гузоштагиша, тибқи дастуру супоришҳои сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар самти истифодаи самараноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ, назорат ва риояи қатъии интизоми молиявӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ, ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд буда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ба роҳ мондани пешгирии коррупсия мебошад. Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳанд. Ҷуноне ки Пешвои миллат дар паёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки санаи 22 декабри соли 2016 ироа гардида буд, қайд намуданд, ки “Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад”. Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар амалисозии стандартҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, бахри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ минбаъд низ кӯшиш ба харҷ дода, муқовимати шадидро бар зидди ин падидаи номатлуб боз ҳам пурзӯр хоҳад кард.

# СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ

Яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят ин субъекти ҷиноят мебошад, ки бидуни мавҷудияти он кирдори содиршударо ҳамчун ҷиноят эътироф кардану ба он баҳои ҳуқуқӣ додан ғайримкон аст. Аз муқарраротӣ худи моддаи 11-и Кодекси ҷиноятии ҶТ бармеояд: "Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудан ва кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардида мебошад".

Бояд қайд кард, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари субъети умумӣ субъекти махсусро ҷудо намудаанд. Дар зери мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят шахсе фаҳмида мешавад, ки дар баробари аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, дорои аломатҳои иловагие мебошанд, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан зарур аст. Бисёре аз мутахассисони соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин қоидаи гуфташударо тарафдорӣ мекунанд.

Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бошад падидаи субъекти махсуси ҷиноят баъди қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ (21-майи соли 1998) дар қонунгузории ҷиноятӣ дарҷ ёфт. Аз таҳлили кодекси мазкур бармеояд, ки гарчанде дар Қисми умумии он ягон меъёри алоҳида ба субъекти махсус набошад ҳам, лекин дар бисёре аз моддаҳои дахлдори Қисми махсус, аниқтараш дар диспозитсияҳои онҳо мазмун ва хусусияти аломати иловагии субъект муайян шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноятро вобаста ба якчанд аломатҳо таснифбандӣ менамоянд:

**1. Нишонаҳое, ки вобастаанд ба нақши иҷтимоӣ ва мавқеи қонунии (вазъи ҳуқуқии) субъекти ҷиноят:**

а) Шаҳрванди ҶТ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, яъне дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ таркиби ҷиноятҳое мавҷуданд, ки аз ҷониби шахсони хориҷӣ ва ё шахсони бешаҳрванд содир мешаванд. Масалан, агар субъекти моддаи 305-и КҶ ҶТ танҳо шаҳрванди ҶТ бошад пас, субъекти содиркунандаи моддаи 308-и КҶ ҶТ бевосита шахсони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд мебошанд.

б) Фаъолият дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ. Аксарияти ҷиноятҳое, ки дар боби 30-и КҶ мавҷуд аст, аз ҷониби шахсони мансабдор содир мешаванд. Аз он ҷумла, моддаи 314 сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, моддаи 315 беамалӣ дар иҷрои вазифа, моддаи 319 гирифтани пора ва ғайраҳо.

в) Дар боби 23-и КҶ як қатор моддаҳое ҳастанд, ки субъекти онҳо махсус буда, ин гуна ҷиноятҳоро аслан ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт (бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт) меноманд. Масалан, моддаи 212 Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, моддаи 218 вайрон кардани қойдаҳои парвози байналмилалӣ ва ғайраҳо.

г) Фаъолият дар соҳаи соҳибкорӣ. Дар боби 27-и КҶ ҶТ як қатор кирдорҳое пешбинӣ шудааст, ки аз ҷониби субъектони махсус содир карда мешаванд. Аз он ҷумла, моддаи 258 монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, моддаи 283 сӯиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) ва ғайраҳо.

д) Вобаста ба фаъолият дар соҳаи тиб. Дар баробари ин як қатор кирдорҳое, дар қисми махсуси КҶ ҶТ ҳамчун ҷиноят ифода ёфтаанд аз иҷрои номатлуби фаъолияти кормандони соҳаи тиб содир мешаванд. Масалан, моддаи 128 ёрӣ нарасонидан ба бемор, моддаи 129 аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ ва ғайраҳо.

Дар баробари ин, вобаста ба нақши ҳуқуқӣ ва мавқеи иҷтимоӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ субъекти махсуси ҷиноятро метавон ба намудҳои зерини дигар ҷудо намуд: вобаста ба вазъи оилавӣ, фаъолият дар тадбиқи адолати судӣ, фаъолият дар соҳаи хизмати ҳарбӣ, маҳкумшудагон, шахсони дар ҳабси пешакӣ қарордошта, иштирочиёни мурофиавӣ, роҳбарон, намояндаи ҳокимият ва ғайраҳо, ки ҳар яки онҳо таҳлили мукаммалро талаб мекунад.

**2. Вобаста ба хусусияти ҷисмонии субъекти ҷиноят:**

а) Вобаста ба синну сол. Дар қисми дуюми моддаи 23-и КҶ як қатор таркиби моддаҳоро қонунгузор пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми содир намудани онҳо шахсро аз синни 14-солагӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашанд. Мисол одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ), одамрабоӣ (моддаи 130) ва ғайраҳо.

б) Вобаста ба ҷинс. Як қатор ҷиноятҳое дар КҶ ҶТ ҳаст, ки аломати иловагии онҳо ҷинс ба ҳисоб меавад. Аз он ҷумла, моддаи 138 таҷовуз ба номус, кудаки навзоди худро куштани модар (м.105), ки ҳама вакт аз ҷониби мард сурат мегирад ва ғайраҳо.

в) Вобаста ба нишондиҳандаҳои биологӣ (вазъи саломатӣ). Вобаста ба нишондиҳандаҳои вазъи саломатӣ метавон моддаи 123 (исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт)), м. 125 (сироят кардан бо вируси масунияти одам), м. 126 (сироят кардан бо касалии зуҳравӣ)-ро метавонем мисол оварем.

**3. Гурӯҳи сеюмро вобаста ба хусусият дар нақши содир кардани ҷиноят, муносибати байниҳамдигарии субъект ва ҷабрдида:**

а) моддаи 105-и КҶ кӯдаки навзоди худро куштани модар;

б) моддаи 368-и КҶ иҷро накардани фармон

в) моддаи 375-и КҶ таҳдид ба сардор ва ғайраҳо.



Орзуҷон САЙДАЛИЕВ
донишҷӯи соли 4

Бояд қайд намуд, ки гарчанде қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои муосири ҷомеаи имрӯза мутобиқ бошад ҳам, вале вобаста ба масъалаи таҳлилшаванда пешниҳод карда мешавад, ки дар Қисми умумии КҶ ҶТ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят равшан карда шавад, инчунин зимни таҳлил пайхас кардем, ки аксарияти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир мешаванд синни 18 соларо пур кардаанд ва як пешниҳоди дигар ин буд, ки зимни равшан намудани худи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят мавқеи синну солии он муайян карда шавад.



## ОЗМУН

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Бо назардошти ин, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» зери унвони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – таҷассумгари миллату давлат дар арсаи байналмилалӣ» озмуни мақолаи беҳтаринро эълон менамоянд. Хоҳишмандон метавонанд мақолаҳои худро тавассути почтаи электронии «law.tnu.tj@gmail.com» ва ё ба идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» то санаи 1-уми декабри соли равон ирсол намоянд.**

# ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ



Азамат БАҚАЕВ
донишҷӯи соли 1

Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд буда, аз ҷониби давлат кафолат дода шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ фаро гирифтани шаҳрвандонро ба таҳсил эътироф намудааст, яъне дар кишвари мо ҳам шаҳрвандони давлат ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ё шахсони бешаҳрвандӣ ҳуқуқи гирифтани таҳсилро доро мебошанд. Вобаста ба ин, дар самти муҳайё намудани шароити хуби таҳсил, давлат аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад, то ки кулли шаҳрвандон ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Чи тавре ки дар боло зикр намудем, ҳуқуқ ба таҳсил асосан ба гурӯҳи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дохил мегардад. Бинобар ин, моддаи 41-и Конститутсияи ҶТ онро муқаррар менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дар як маврид паҳн гаштани ҷиҳатҳои манфии он мақсади шахсоне метавонанд пояҳои давлатдориро мустаҳкам намоянд, ки агар аз ҷиҳати неруи зеҳни обутобёфта бошанд ва дорои донишҳои баланди илмианд. Барои нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ давлат тамоми имконотро фароҳам меорад, то ки шаҳрвандони он дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд.

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши мардум дар мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст. Аз ҷумла, дар мадди аввал Конститутсияи ҶТ, баъдан дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди ҚҶТ «Дар бораи маориф ва илм», ҚҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи тайсилоти калонсолон», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва ғ.

Аз ин рӯ, ҳар фарди масъулиятнокро зарур аст, ки таҳсил намуда, дар пешравии давлат, ҷомеа ва шахсияти худ саҳм гузошта, ояндаро бо чашми нек тасаввур намояд.

# ДМТ - МАКОНИ ИЛМУ ИРФОН

**ДМТ муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии бисёрсоҳа мебошад, ки мақоми муассисаи олии таълимии худмухтор ва худидораро дорост. Донишгоҳ дар амали сохтани барномаи таҳсилоти олии касбӣ, рушди илму техника ва фарҳанг дорои имконияти махсус мебошад ва онҳоро ба сомон мерасонад.**

Ба кормандони соҳаи омӯзгорӣ, аз ҷумлаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳ озодиҳои академӣ дода шудааст, то мавзӯи дарс (таълим)-ро бо усули худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд ва ҳамчунин ба донишҷӯён имконият дода шудааст, ки бо назардошти талаботи худ дар доираи барномаҳои таълимӣ мустақилона дониш андӯзанд. Озодиҳои академӣ, масъулияти академии муҳайё кардани шароити мусоиди ҷустуҷӯи озодонаи ҳақиқат ва баёну интишори озодонаи онҳоро ифода менамоянд, ки ба принсипҳои зерин асос меёбанд: истифодаи самарабахши нерӯи зеҳнӣ бо мақсади афзун гардонидани саҳми Донишгоҳ дар тайёр намудани кормандони илмӣ, илмию омӯзгорӣ ва дигар мутахассисон барои эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ; демократикунонии ташкилу идораи ҷараёни таълим, фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, ташкилӣ ва тарбиявӣ; таъмини алоқаи ягонаи таълим ва таҳқиқоти илмӣ; таъмини иҷро ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани интизоми давлатӣ.

Донишгоҳ нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро аз рӯи мӯҳлат ва зинаҳои гуногуни он ва такмили ихтисоси баъди таҳсилоти олиро мутобиқи стандарти давлатии муқарраргардида аз рӯи самтҳои гуногуни илмӣ, техникӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ, ки азхудкунии онҳо тавассути дипломҳои дар шакли муайян муқарраргардидаи такмили ихтисос ва бозомӯзии муттахассисон тасдиқ мешавад, амалӣ менамояд.

Донишгоҳ вазифаҳои асосии худро, ки аз инҳо иборат мебошанд, иҷро менамояд: қонеъ гардонидани талаботи шахс барои инкишофи қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавию рӯҳӣ; рушди илм ва иқтидори эҷодӣ ба воситаи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва донишҷӯён, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот; омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгорӣ; ҳифз, нигаҳдорӣ ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа; таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии илмию истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён; ташкилу гузаронидани корҳои амалию таҷрибавӣ, илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию ихтироъкорӣ, ки барои ҳалли масоили иқтисодиёти миллӣ равона карда мешаванд ва бо раванди таълим зич алоқаманд бошанд; паҳн намудани донишу малакаи муосир дар соҳаҳои иқтисодиёт ҳуқуқ, тибб, экология ва дигар соҳаҳои илм, баланд бардоштани сатҳи умумии таҳсилот, сиёсат ва тарбияи фарҳангӣ бо истифодаи қоидаҳои маъмул ва низоми кредитии таълим; таҳия ва нашри асарҳои илмӣ, васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ; тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ (номзадҳо ва докторҳои илм).



**Дониёр САНГИНОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**



Маҳз ДМТ муттаҳидкунандаи захираҳои зеҳнӣ ва таълимии кишвар мебошад. Таҳқиқотҳои дар Донишгоҳ ба сомонрасида, потенсиали профессорию омузорӣ ва донишҷӯён саҳми назаррас дар рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар гузошта истодааст. Аз ин рӯ, таҷлили 70-солагии ДМТ барои мо устодону донишҷӯён ифтихору сарфарозист. Орзу менамоем, ки фаъолияти минбаъдаи Донишгоҳ боз равнақу рушди навро касб намуда, мавқеи байналмилалии он боз устувортар гардад.

# ДМТ – ДАРГОҲИ МАЪРИФАТ



**Давлат ХАЙЛОНОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Таъсиси муассисаҳои таълимӣ барои давлату ҷомеа бениҳоят зарурӣ ба ҳисоб рафта, бе мавҷудияти онҳо имкони зина ба зина рушди муносибатҳои ҷамъияти имкон надорад. Чунки масъулияти пешбарандагиро дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз шахсоне бар душ доранд, ки аз ҷиҳати илму маърифат обутобёфта мебошанд. Замина барои аз бар намудани илму маърифат ва рақобатпазир шудан дар бозори меҳнат маҳз таҳсилот дар зинаҳои гуногун шуда метавонад. Ба сифати яке аз чунин зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда метавонад. Ба ҳамин хотир, баъд аз хотима ёфтани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон собиқ давлати Шӯравӣ паи баланд бардоштани мақоми илму маърифат дар ҷомеа гардид. Ҳамин тавр, соли 1948 ДМТ таъсис дода шуд. Воқеан, дар ин солҳои мавҷудияти худ ДМТ тавонист ба он мақсадҳои дар боло зикршуда расад.

Вобаста ба нақши ДМТ дар таъмини кадрҳои идоракунӣ ва захираҳои кадрӣ дар мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ—Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 октябри соли 2008 дар суханронии худ ба муносибати 60 — солагии таъсиси ДМТ чунин қайд намуданд: «Ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки дар он хатмкардагони донишгоҳ фаъолияти пурмаҳсул надошта бошанд. Дар роҳи тарбияи чунин кадрҳо Донишгоҳи миллӣ дорои нерӯи бузурги илмию омӯзгорӣ мебошад ва бояд минбаъд низ ин имконияти худро харҷи бештар истифода намояд».

Воқеан, имрӯзҳо соҳаеро бидуни муҳассилини Донишгоҳи мазкур тасаввур кардан аз имкон берун аст, зеро хатмкунандагони онро ҳама ҷо ва дар ҳама маврид вомехӯрем. Фарҳангу маориф, иқтисоду иҷтимоиёт, тибу адабиёт ва амсоли инҳо зиёд касбҳоеанд, ки мутахассисони пешбараш фориғуттаҳсили ин мактаби бузурганд. Ифтихор дорам, ки дар баробари ҳайати бисёрҳазорнафараи донишҷӯёни он, ман низ муҳассилам ва дар риштаи ҳуқуқшиносӣ роҳ ба сӯи касбият ҳастам. Шод аз он онам, ки маҳз мо 70 - умин солгарди ин даргоҳи муқаддасро бо тантанаи хоса таҷлил менамоем. Ба ҷамъи устодону донишҷӯёни ДМТ ва кулли кормандони он 70 - умин соли таъсис муборак бошад! Бигзор ҳазорсолаҳо побарҷой бимонаду фазои холигии захираҳои меҳнатии моро бо бузургтарин мутахассисони варзидааш пур намояд.